НАШРИЁТИ
«АДИБ»

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



**Ба хонандаи азиз**

Гар зи маънои китоби ман бисозӣ пурсуҷӯ,
Кардам аз неку бади дунё дар ин ҷо гуфтугӯ.
Бош бо ман, бо китобам, нек ёбӣ хулқу хӯ,
Решапайвандем, ай ҷоно, зи мо дурӣ маҷӯ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Амир Ризозодаи Хосиёнӣ**

# РЕШАПАЙВАНД

Душанбе
«Адиб»
2012

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ББК 84 Тоҷик 7-5
Р-73

Муҳаррир *Наср Бобои Сарфароз*

Р-73 **Амир Ризозодаи Хосиёнӣ. Решапайванд.** (Маҷмӯаи шеърҳо). – Душанбе, «Адиб», 2012, 128 саҳ.

Дар ин маҷмӯа шеърҳои дар солҳои гуногун эҷодкардаи муаллиф фароҳам оварда шудаанд. Маҷмӯа аз ду қисмат иборат буда, дар қисми аввал шеърҳо ва дар қисми сонӣ рубоиёт, дубайтиву қитъаҳо гирд омадаанд.

ISBN 978-99947-2-219-8

© Амир Ризозодаи Хосиёнӣ, 2012

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҲАРФЕ ЧАНД ДАР БОРАИ МАҶМӮАИ «РЕШАПАЙВАНД» ВА МУАЛЛИФИ ОН
### *(Ба ҷойи сарсухан)*

Амир Ризоев соли 1938 дар деҳаи Хосиёни ноҳияи Ховалинг, собиқ вилояти Кӯлоб ба дунё омадааст. Имсол 30-юми май ӯ синни 74-ро пур карда, ба синни муборaки 75-солагӣ қадам ниҳод. Ва ин китобро як навъ тӯҳфаи худи муаллиф ба ҷашни 75-солагияш низ донистан мумкин аст.

Устухони Амир Ризоев аз давраҳои навҷавони то ба нафақа баромаданаш дар меҳнати садоқатмандона ба нафъи аҳли ҷомеа сахт шудааст. Кам не, балки қариб ним аср ӯ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ бурдборона меҳнат карда, соҳиби иззату икром, обрӯю эътибори баланд гардидааст. Ба ҳар ҷое ӯро ба кор фиристода бошанд, аз амалаш миннатдор буданд, ба дасту дили покаш қоил мегаштанд, ба фидокориву масъулиятшиносияш аҳсан мехонданд, таҷрибаашро меомӯхтанд ва чун шамъи маҳфилҳо медонистанд. Имрӯз ҳамчунон аст, ки буд-обрӯманд, соҳибэҳтиром, шикастанафс, инсондӯстдор, хоҳони ваҳдату якдилӣ, ободу сарсабзии Ватан, рӯзгори шоистаи ҳамватанон.

Ҳаминро ҳам батаъкид бояд гуфт, ки Амир Ризоев аз овони туфуллият ба омӯзиш рағбати калон дошту имрӯз ҳам, ки ба синни 75 қадам мондааст, мехоҳад, аз ҳама рӯйдоду навгониҳои кишвар, минтақа ва ҷаҳон бохабар бошад. Дидагонаш камнур шуда бошанд ҳам, аз хондану навиштан худро канора намеги-

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рад, бо аҳли хирад сӯҳбат оростанро дӯст медорад. Аз гузашти рӯзгор, бархӯрд бо неку бад, тай кардани шебу фарози умр таҷрибаи фаровон андӯхтааст ва онро аз касе дареғ намедорад. Нақлу ривоятҳои пуртаъсир дорад, ҷавононро панду андарз дода, ба роҳи нек раҳнамун месозад. Билхоса, ба меҳнати ҳалолу дасту дили пок эътимоду ихлоси беинтиҳо дорад.

Инро ҳар як хонандаи оддӣ низ аз ашъори ӯ ба хубӣ дарёфт карда метавонад. Масалан, дар як шеъраш. ки ба коргар бахшида шудааст, бо самимияти беинтиҳо чунин меорад:

*Коргар, дар арса доим Ҳотамӣ,*
*Вақти бекорӣ надорӣ як даме.*

*Шодмону сарфароз аз меҳнатӣ,*
*Беш мегӯям-саропо ҳимматӣ...*

*Ҷӯш дорӣ, рӯзу шаб ту беқарор,*
*Ҳастӣ балки шаҳсутуни корзор.*

Дар шеъри дигаре вазъи кунунии ҷомеаро, ки зумрае аз ҳамдиёрон луқмаи муфт ёфта рӯзгузаронӣ кардан мехоҳанд, ба онҳо муроҷиат карда чунин гуфтааст:

*Мегурезӣ то ба кай аз кор ту?*
*Чанд созӣ ин амал такрор ту?!*

*Худ даравгар бошу пас ҳосил бубин,*
*Рӯзӣ кам ояд ба дасти хӯшачин.*

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Вақт чун омад, бирав ту дона пош,*
*Пас ғуломи ҳеҷ кас дигар мабош.*

Бешубҳа, ин гуна мисраҳоро касе гуфта метавонад ки худ дар деги меҳнат ҷӯшида, аз он самаре ба даст оварда бошад. Ба номаи рӯзгори Амир Ризоев жарофтар назар карда, барои андешаи боло ҷавоб ёфтан хеле осон аст. Ӯ бо маълумоти синфи 7-ум, ки дар деҳаашон Хосиён гирифта буд, қаноат накарда барои идомаи таҳсил ба мактаби маълумоти умумии маркази ноҳияи Ховалинг омад ва онро ба итмом расонда (соли 1954), дар вазифаи ҳисобчии бригада ба фаъолияти меҳнатияш оғоз бахшид. Эҳсос мекард, ки ҳатман маълумоте гирифтан зарур аст, ки соҳиби касбу кори мушаххас гардӣ. Соли 1956 бо ҳамин азм роҳи шаҳри Ленинобод (Хуҷанд)-ро пеш гирифт. Донишҷӯйи Техникуми савдо шуда, баъди ду сол ба зодгоҳ баргашт. Молшиноси Ҷамъияти матлуботи ноҳия таъинаш карданд. Дере нагузашта ноҳияҳои Ховалингу Аралро якҷоя карда, Восеъ номгузорӣ намуданд. Аз ин ноҳия ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ рафт. Соли 1963 баъди адои хизмат ба ноҳия баргашт. Бо супориши котиби аввали ҳизбии ноҳия барои кор ба колхози К.Маркс фиристода шуда, чун таъминотчии соҳаи сохтмон ба кор пардохт. Ӯ дар «Андеша» ном шеъраш аз он даврони серу пур, хушбахти одамони оддӣ ёдоварӣ карда такрор ба такрор таъкид мекунад, ки барои ноил шудан ба ризқу рӯзӣ, неъмати фаровон софдилона меҳнат кардан лозим аст, меҳнат асоси хушбахтист:

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Кишоварзро буда давлат падар,*
*Варо буда доим саробони сар.*

*Табобат хушу ройгон мерасид,*
*Ту гуфтӣ, ба шоҳи ҷаҳон мерасид.*

*Буда мардумон банди дарсу китоб,*
*Набудаш аз ин беҳ ба коре шитоб.*

*Муаллим ба арши барин ҷой дошт,*
*Ба ӯ эҳтиром кеҳу меҳ мегузошт...*

*Ватан хоҳам ободу озод бод,*
*Дили мардуми коргар шод бод!*

Дар ҳамон хоҷагие, ки ном бурда шуд, Амир Ризоев аз рӯйи зарбулмасали «Дарахт дар як ҷо месабзад» амал карда, вазифаҳои гуногуни пурмасъулиятро ба ҷо овард: раиси Комиссияи тафтишотии колхоз, ду давра муовини раиси колхоз, мудири комплекси чорводории колхоз, 30 сол сармеъмори хоҷагӣ, намояндаи доимии мардум дар ҷамоати деҳот, 20 сол машваратчии суди халқӣ, масъули сохтмони кӯпруки бузург аз болои дарёи Ёхсӯ ва ғайра. Дили беқарору ташнаи дониш ӯ дар ин давра ҳам нагузошт, ки танҳо ва танҳо банди корҳои хоҷагиву ҷамъиятӣ бошад. Ба Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи аграрӣ) дохил шуда, онро ғоибона соли 1984 бо ихтисоси «Зооинженер») хатм намуд.

Бо вуҷуди солиёни зиёди дар вазифаҳои гуногуни дигар кор кардан, Амир Ризоев ба замин ҳусни таваҷҷӯҳи бениҳоят калон дошту дорад. Заминро чун

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рӯзирасони мардум медонад ва ақида дорад, ки ҳар зарраи онро ба дидаҳо тӯтиё кардан кам аст. Дар он рӯзу шаб кор кардан даркор, ба он ғамхорӣ кардан бояд дар мадди аввал қарор дошта бошад. Ин маънӣ дар бисёр шеърҳо, рубоиву дубайтиҳои китобҳои интишоршудаи ӯ ва маҷмӯаи мазкур низ мавқеи махсус дорад. Масалан, дар «Бас!» ном шеъраш чунин мефармояд:

*Мо зи нодонию ҷаҳлем нобино,*
*Худ ба худ беҳуда ин пайкор бас!*

*Лутф аз баҳри замин кам мекунем,*
*Ғафлатоинем, ин кирдор бас!*

Ва ё дар шеъри «Ҷаҳду талош» омада:

*Худро ба кишт пайванд, хиште ба хишт пайванд,*
*Сарсабз то шавад ҷон, гардем муғчапайванд.*

Ё ин ки:
*Самар аз кор ку, ки гул намоиш мекунӣ имрӯз,*
*Замин бекор хобу худ ситоиш мекунӣ имрӯз.*
*Бипошӣ дона, аммо майсаи сабзе намерӯяд,*
*Ба сад рӯю риё бо ҳар кӣ созиш мекунӣ имрӯз!*

Амир Ризоев парвардаву тарбиятдидаи давру замони хеш буда, он овонро давраи тиллоии ҳаёти худ ва кулли мардум медонад. Дар ҳамаи навъҳои шеъраш ба ситоиши он айём дучор омадан мумкин. Ин ақидаи шахсии ӯст ва то кунун онро дигар накардааст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар навиштаҳояш ӯ бо номи зодгоҳаш Хосиёнӣ тахаллус мекунад, яъне Амир Ризозодаи Хосиёнӣ. Чуноне худ ҳикоят мекунад, ҳанӯз солҳои мактабхонию донишҷӯйӣ ба шеъру шоирӣ рағбат пайдо карда, ашъори адибони гузаштаву муосирро зиёд мутолиаву азёд мекард. Вале ҷиддан ба ин пайроҳа баъди бознишаста шуданаш иқдом кард. Аммо дер ҳам ба ин шуғл даст зада бошад, то ин дам ду маҷмуаи ашъораш – «Лайлуннаҳор» ва «Баҳор» интишор гардидаанд. Маҷмӯаи навбатиашро ӯ «Решапайванд» унвон кардааст, ки ба ақидаҳояш комилан мувофиқат мекунад. Зеро ӯ кулли башариятро аз як дудмон медонад ва бояд онҳо рӯзгорашонро аз рӯйи раҳнамоии беҳтарин атои Худованд - хирад ба роҳ монанд, дастгиру мададгори якдигар, якдилу якмаром бошанд, дар ободию хурамми сайёраи Сабз-Замини нозанин бикӯшанд, бахту саодат ёбанд, чунки ҳар як инсон маҳз барои хушбахтӣ ба дунё меояд ва расидан ба умеду армонҳо мақсади муҳимтарини кӯшишу ғайратҳои ӯст.

Дар қисми аввали маҷмӯа як силсила шеърҳо ва се марсия ҷой дода шуда, қисмати баъдӣ аз рубоӣ, дубайтиҳо ва қитъаот мураттаб гардидааст, ки доираи мавзӯъҳояшон фароху ибратомӯз аст. Умедворем, хонандаи хушзавқ аз мутолиаи онҳо барои хеш бисёр раҳнамоиҳову андарзҳои зарурӣ пайдо хоҳад кард.

Дар анҷом ба пири хирад Амир Ризозодаи Хосиёнӣ умри бардавом ва илҳоми саршор орзумандем.

***Наср Бобои Сарфароз***

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

# ВАССОФИ ҲУСН

*(шеърҳо)*

*Сайр карда, эй Ватан, ошиқ*
*ба рӯят гаштаам,*
*Дар адои қарзи фарзандӣ*
*ба кӯят гаштаам.*
*Васф чун созам, надонам*
*ҳусни дилҷӯйи туро,*
*Бӯстон бисёру ман*
*мафтуни бӯят гаштаам.*

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ВАТАН

Сайр карда, эй Ватан, ошиқ ба рӯят гаштаам,
Дар адои қарзи фарзандӣ ба кӯят гаштаам.

Васф чун созам, надонам, ҳусни дилҷӯйи туро,
Бӯстон бисёру ман мафтуни бӯят гаштаам.

Гаштаам болои кӯҳу водият аз бачагӣ,
Чашмаи софат бидида, ман сабӯят гаштаам.

Метапад шодона дил аз неъмати волои ту,
Анҷуман оростам, дар гуфтугӯят гаштаам.

Бар Худо шукрона кардам бо атои додааш,
Лол ман аз лаълу мафтуне ба кӯҳат гаштаам.

Дар бисоти кӯҳи ту аз санг тилло бештар,
Ҳар қадам бардоштам, дар орзӯят гаштаам.

Панҷу Вахшу Сири ту чашмони равшанбини мост,
Сад сано гуфтам ба ту, путки адӯят гаштаам.

Ҷумлаи мушкил зи роҳат дафъ месозад Худо,
Ман чу вассофе баҳар як тори мӯят гаштаам.

Бар Амират васфи ту охир надорад, эй Ватан,
Боғи ту, ман булбули хушхони кӯят гаштаам.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ТАМСИЛ

Иқтидоре бошадат гар аз падар,
Дил биҷӯшад боядат чун шери нар.

Мардуме карбос бофт ба корд – чӯб,
Рақсу бозӣ карда бо аҳли ҳубуб.

Пос доред, мардумон,хоки Ватан,
Он бувад монанди дил моро ба тан.

Сарбаландию сафоям аз Ватан
Дилбару ишқу вафоям аз Ватан.

Баҳри ӯ меҳнат ба користон кунед,
Ҳифзи он чун Рустами дастон кунед.

Ташнагиҳо бишканед аз илму фан,
То шукуфад аз шумо гул–гул Ватан.

Тоҷикистон то ба ободӣ расад,
Баҳри мо аз ӯ фақат шодӣ расад.

Модар аст ӯ, то ки шод аз мо шавад,
Бо азизон шӯҳра дар дунё шавад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЁДИ ГУВОРО

Ростгӯ дигар наем, эй дӯстон,
Шӯравӣ оварда буд як бӯстон.

Тарбият медод ӯ мисли падар,
Қиммати одам дуболо аз гуҳар.

Дод истиқлолу бахту сарварӣ
Баҳри халқон буд мисли меҳваре.

Марду занро карда буд ӯ босавод,
Ҳам ҳунар, ҳам касб моро ёд дод.

Дар замин ҳамвора кору бор буд.
Пур ҳамеша хирману амбор буд!

Мардумон диданд з–он давлат самар.
Шуравӣ шуд баҳри онон болу пар.

Боз умеде ба дил ҳаст аз замин,
Чист он рӯзӣ диҳад ғайри ҳамин?

Фаҳш гашта ин замона баъди он,
Ҳукмронӣ мекунад тири камон.

Порадеҳу порахӯр афзун шуда,
Тирагун гӯё ки ин гардун шуда.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Одамон бекору ҳайрон мондаанд.
Дилбарон аз нозу ҷавлон мондаанд.

Муттафиқ гардед, ёрон, баъди ин,
Одамиро хор созад ҷангу кин.

Дасти ҳам гиред, ҳам домони кор,
Зиндагӣ аз нав бигардад бобарор!

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## БА КОРГАР!

Коргар, дар арса доим Ҳотамӣ,
Вақти бекорӣ надорӣ як даме.

Шодмону сарфароз аз меҳнатӣ,
Беш мегӯям, саропо ҳимматӣ.

Дасти ту дар ҳар куҷо дорад асар,
Биму парвое надорӣ аз хатар.

Ҷӯш дорӣ, рӯзу шаб ту беқарор,
Ҳастӣ балки шаҳсутуни корзор.

Кор ёри хеш медонад туро,
Оҳанӣ ту, кор чун оҳанрабо.

Гулфишон месозӣ ҳар ҷойи хароб,
Дасти гул дорию ҳиммат беҳисоб.

Хислату хӯи ту бошад чун баҳор,
Мекунӣ сарсабз баҳри мо диёр.

Бошад аз ту дар дили мо равшанӣ,
Мисли Доройӣ ту, балки з–у ғанӣ.

Ростиву растагорӣ – пешаат,
Рӯзгори хуш бувад андешаат

Офарин гӯям туро ман то абад,
То абад, ҷоно, набинӣ рӯзи бад!

## МУСАВВАР

*Дар ҷашни 1150 солагии*
*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Рангу бӯ аз дӯстон ояд ҳаме,
Базми кӯҳистониён ояд ҳаме.

Лаҳнат, ай тоҷик, ҷу кабкони дарист,
Қақраи бустониён ояд ҳаме.

Рӯдакӣ дар даст руду дар наво,
Бар Душанбе ҷовидон ояд ҳаме.

Дар рикобаш чангиву рудӣ, дафӣ
Хушнаво хунёгарон ояд ҳаме

Рӯдакӣ бо шеър бо ганҷи шариф,
Ганҷ боз аз нав би кон ояд ҳаме.

Чун Душанбе аз Бухоро пеш рафт,
Ин ба кеҳу меҳ аён ояд ҳаме.

Рӯдакиро чарх чун устод кард,
Аз паяш Эрониён ояд ҳаме.

Ориён чун гавҳаре аз як тананд,
Пири Тус ҷои Каён ояд ҳаме.

Ҳофизу Саъдист устоди башар,
Панд з-онҳо ҷовидон ояд ҳаме.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бӯалӣ бурҷе кашид дар ин замин,
Арзишаш ганҷи ҷаҳон ояд ҳаме.

Тоҷикистон, кӯҳи ту симу зар аст,
Лаълу ёқут аз миён ояд ҳаме.

Буният овард Амир, пеши дарат,
Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме.

Кӯҳи Қофу зиндагӣ як парда шуд,
Шуҳрати Шӯроиён ояд ҳаме.

Мардуме на шоҳ будаш не гадо,
Дарди саъбе аз миён ояд ҳаме.

Бахти воло дар Душанбе қоим аст,
Бахт сӯи мардумон ояд ҳаме.

Домгоҳе банд карда мардумон,
Исти мо аз таъбамон ояд ҳаме.

Дуди банг як дам нигар сӯи само,
Навҳаи зиндониён ояд ҳаме.

Турку този тоҷиконро пош дод.
Ин алам аз мағзи ҷон ояд ҳаме.

Рӯзгоре гашт, сомон гум шуда,
Ғасби қонун дар миён ояд ҳаме.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мардуме буд теғаш алмосе бурид,
Ҷои расти «тӯтиён» ояд ҳаме.

Сӯхт пеши мардони бузург,
Сокит о, маъмуриён ояд ҳаме.

Одамӣ исм асту, олам ҳамдамаш,
Исми тоҷик з-ин макон ояд ҳаме.

Навхате ғурбат намудаш зери хок,
Оҳу войи модарон ояд ҳаме.

Дар Душанбе саҳл набвад зиндагӣ,
Навҳа аз ин дудмон ояд ҳаме.

Сад писар олус шуд дар ғарби дур,
Оҳи сарди дилбарон ояд ҳаме.

Ташнаанд дар ҳасрати оби Ватан,
Сабри ҷон бо дӯстон ояд ҳаме.

Гул шукуфта дар гулистони манаш,
Пеши чашмаш бӯстон ояд ҳаме.

Булбуле шаб нола кард дар пеши гул,
Оби чашм аз мағзи ҷон ояд ҳаме.

Чун муқаддас ин заминро дидаам,
Боз фарзандаш давон ояд ҳаме.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мулкамонро марзбандӣ кардаем,
Сели банг чун захри ҷон ояд ҳаме.

Дилбаре бигзошт дилро пеши ман,
«Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме»

Рӯдакӣ, пайванди ашъори туем,
Аз ҳузурат бӯйи ҷон ояд ҳаме.

Умр агар қофила бошад дар макон,
Ҳар шукуфе ҳар замон ояд ҳаме.

Рӯзгоре бурда чанд тавҳиду дин,
Ҷабри ноком аз макон ояд ҳаме.

Тоҷикистон, марҳамӣ бар тоҷикон,
Тоҷи сар бар тоҷикон ояд ҳаме.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## БАҲОР ОЯД ҲАМЕ

Ханда дар лабҳои ёр ояд ҳаме,
Базми булбул дар баҳор ояд ҳаме,

Ғунча таркад мекушояд чашми рӯз,
Рӯзи нав дар рӯзгор ояд ҳаме.

Ин замин ларзиду марудм пош хурд,
Боз гардад, ифтихор ояд ҳаме.

Гар ҳазорон ранг мардум дидаӣ,
Аз азал ёру биёр ояд ҳаме.

Тарбият ҳайф аст бар аҳли Разил,
Заҳмати дил бешумор ояд ҳаме.

Чун адолат пешаи мулк асту дин,
Зиндагонӣ бобарор ояд ҳаме.

Нолаи дил санги хоро об кард,
Соҳибаш шабзиндадор ояд ҳаме.

Гарчи қонун кам набошад дар шумар,
Арзи мардум бебарор ояд ҳаме

Кас намеёбад ба доди дил даво,
Аз хирад кас барканор ояд хаме.

Тоҷико, фарзанд мебояд кабир,
То ки бахту ҳам барор ояд хаме.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДОНА ПОШ!

Як насиҳат монда аз даври қадим,
Ростӣ бошад бари ҳар кас муҳим.

Пас, чаро мо бар дурӯғ пардохтем?
Сар ба сар худро дурӯғгӯ сохтем.

Ҳар дурӯғ гӯянд аз баҳри фиреб,
Ҳиллагар нозад мисоли андалеб.

Тоҷик аз нони фаровон гашт маст,
Ростиро бар сари санге шикаст.

Ҳаст мақоле зинсавору зинбапушт,
Зинсавор гардид акнун зери мушт.

Лек парвое надорад з–ин ғирев,
Ризқ ёбад, рӯ нагардонад зи дев.

Гӯйӣ дар дунё намонда муқтадир,
Аблаҳонро нест як тарсе зи тир.

«Пешрав» буд, гаштааст акнун қарор,
Нест марди ростгӯро ҷойи кор.

Кори мансабдор ҳам шуд бебарор,
Бист соле ҳаст ӯ дорад хумор.

Оҳи пурсӯзи замин рафт осмон,
Хору бесоҳиб шуда дар ин замон.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гиряву зорӣ бикун баҳри субот,
То биёбӣ, шояд он хатти барот.

Мегурезӣ то ба кай аз кор ту,
Чанд созӣ ин амал такрор ту?

Худ даравгар бошу пас ҳосил бубин,
Рӯзӣ кам ояд ба дасти хӯшачин

Вақт чун омад, бирав, ту дона бош,
Пас ғуломи ҳеҷ кас дигар мабош.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## ҲОЛАТ

Побаста мо ба пандем,
Оғушта бас ба фандем.
Мардум шуда парешон,
Оё мо шарафмандем?

Нишаста рӯйи курсӣ,
Дигар чиҳо ту пурсӣ?
Гар кори муҳим омад,
Ку файзи райъпурсӣ?

Ростӣ бошад, кор оддист,
Фарҷоми корат шодист.
Гуфтанд, шарф аз таҳсил,
Вале он мисли бозист.

Шаъну шараф бас олист,
Меҳнат баҳри ободист.
Пурганҷу неъмат Ватан,
Пас хон баҳри чӣ холист?

Кор бояд аз таҳи дил,
Фаровон шавад ҳосил.
Худро худ таъмин кунем,
Набошем дигар коҳил.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҲУШДОР

Тоҷиконро Шӯравӣ бахшид шаъну эътибор.
Хештанбишносӣ карданду зи аждод ифтихор.

Зумрае ин ростӣ пиндошта ҳарфи дурӯғ,
Кандаанд бо ин дурӯғи хештан бехи фурӯғ.

Мардум аз ин кори ноҳақ ғӯта зад бар дарду ғам,
То кунун дар синаҳо боқист ин бори алам.

Бидъату кори хурофотӣ басе афзун бишуд,
Ҷоҳилу нодон аз ин саргаштаи ҳомун бишуд.

Воизон аз минбари олӣ ҳамегуфтанд «панд»,
Мардуми бечораро ҳар лаҳза мекараданд фанд.

Гашт мактаб нотавону дар ба дар омӯзгор,
Кори таълим шуд ба дӯши бесаводон вогузор.

Кард ҷамъият рукуду зиндагонӣ шуд фасод,
Ҳеҷ кас аз ҳеҷ кас нашнид дигар вою дод.

Шуд бародар бо бародар мисли душман ҷонситон,
Рафт з–ин мулки валинеъмат сафо, амну амон.

Бо ҳазорон ранҷу заҳмат сулҳ омад бозпас.
Рӯзи бад худ дидаӣ, дигар макун онро ҳавас.

Бош фарзанди банангу гард ваҳдатро қарин,
Баъд аз ин гӯям ба ту садҳо ҳазорон офарин!

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## АНДЕША

Замоне набуд халқ хор инчунин,
Ба Шӯро буд ин халқ беҳ аз нигин.

На парво зи хӯрдан буду не ҷиҳоз,
Буда серу пур мардуми сарфароз.

Кишоварзро буда давлат падар,
Зибас дошт доим саробони сар.

Табобат хушу ройгон мерасид,
Ту гуфтӣ, ба шоҳи ҷаҳон мерасид.

Буда мардумон банди дарсу китоб,
Набудаш аз ин беҳ ба коре шитоб.

Муаллим ба арши барин ҷой дошт,
Ба ӯ эҳтиром кеҳу меҳ мегузошт.

Ҳама буд ба мушкил чу ёри дигар,
Ба соле ду омад баҳоре ба сар.

Биҳишти барин буда дар зери чарх,
Набуд ҳеҷ ташвиш зи колову нарх.

Шикаст омад акнун ба пайвастагӣ,
Фурӯ рехт гӯё ки ҳамбастагӣ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Будам беш панҷоҳ соле ба кор,
Надорам вале ин замон эътибор.

Гузаштам ман аз ин ҳама манманӣ.
Чу аҳлу табор аст, бошам ғанӣ.

Ватан хоҳам ободу озод бод,
Дили мардуми коргар шод бод.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЧӢ БУД – ЧӢ ШУД?

Парастидем моён оҳану дос,
Кафанҳо дӯхтем аз сону зи карбос.

Тамаддун суфта кард оину пойро,
Ба пушташ кай ту зин дидастӣ тойро?

Басе тират заданд аз пешу аз пушт,
Хиёнат мардумонро беадад кушт.

Замон омад, аз ин даҳшат бирастӣ,
Вале аз сидқ дил бар он набастӣ.

Адолатро рабуда худпарастон,
Суруданд баҳри худ сад гуна дастон.

Ҷасорат ҳам накардӣ ҳарф гӯйӣ,
Гуноҳатро ту андак ҳам бишӯйӣ.

Дигар гардид феъли муфтахорон,
Зи мардум рафтааст тамкину сомон.

Бишуд ин ҷумла занҷире ба поят,
Наомад ҳеҷ дигар як садоят.

Сипас айёми оташбозӣ омад,
Ҳазорон шукр, пас озодӣ омад.

Кунун бояд сари ҳиммат биёӣ,
Ба мулки хештан қудрат физоӣ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## РӮЗИДЕҲ

«Биноҳои обод гардад хароб,
Зи борону аз тобиши офтоб.»

Вале одамӣ дар даме шуд хароб,
Бубин, чун хасе меравад рӯйи об.

Замоне буд, ин халқ хандон будӣ,
Сахо дар замин, моҳи тобон будӣ.

Замон фитна гаштасту бедодгар,
Расад доим аз қаҳтӣ бар мо хабар.

Бубин, пош хӯрд мардуми покдин,
Ту онро ба чашми қабоҳат мабин.

Надорад дигар ӯ ба тан ғайри дард,
Дилаш гашта аз зиндагӣ сарди сард.

Бубояд кунандӣ нигаҳ ин замин,
Набошад ба мо рӯзидеҳ ғайри ин.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҶАҲДУ ТАЛОШ

Дар рӯзи тангдастӣ аз хоҷа нон шикастӣ,
З–он эҳтиром медор, дар ҳар куҷо, ки ҳастӣ.

Зебонигор омад, Наврӯзу кор омад,
Ҳоли низор гум шуд, азбас баҳор омад.

Худро ба кишт пайванд, хиште ба хишт пайванд,
Сарсабз то шавад ҷон, гардем муғчапайванд.

Садр ар пай камол аст, хушбахтиҳо мисол аст,
Хушнудӣ баски ҳол аст, таҳқири мо муҳол аст.

Бар некҳолӣ савганд, бар бори Олӣ савганд,
Дигар наметавон кард, дасту дили маро банд.

Кӯшам ба кору кирдор, Фарҳодсон – матинвор,
К–аз кишта гирам ҳосил, аз авҷи чарх анвор.

Ёбам зи кор шӯҳрат, афзун кунам муҳаббат,
В–аз файзу аз садоқат бо ҷон диҳам башорат.

Аз ҷон шавам гусаста, чун пунбаи нараста,
Гар бар ту гул наёрам ман даста, даста, даста.

Донам, зи шаъну шӯҳрат, дигар сухан намонда,
Ҳам аз шукуфаи бахт як ёсуман намонда.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Лекин бидон, ки умре ин сон наметавон буд,
Маҳрум зи нангу ори мардон намевон буд.

Коре кунам, ки аз нав ҳарфам шиъор гардад,
Коре кунам, ки мардум бонангу ор гардад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## БАС!

Эй ту, кӯкнорӣ, кафи кӯкнор бас,
Худкушӣ худро, аё беор, бас.

Донаеро пош додӣ бар замин,
Маст аз он шуд ҷумлаи бозор, бас.

Менигар бекор монда ин замин,
Ин дурӯғин додани омор бас.

Мулки шаб то субҳидам бехобро
Ваъдаҳои ҷоҳили диндор бас.

Рафт мардум аз паси бозори Рус,
Н-одамии полиси бадкор бас.

Мехӯрад калтак зи дасти нокасон
Дардмандии шаби бедор бас.

Хаста ҳасту монда ӯ аз хобу хӯр,
Гаштааст чун мурвати амбор бас.

Мо яқин кардем: баҳри зиндагӣ
Бурданону обаки кӯҳсор бас.

Аз нигоҳи хеш бингар бар замин,
Арзи кас нашнидану «Изҳор» бас.

Ҳад набуд, ҳар мурғ бар сомон парад,
Пар бизад ҷуллук, бигуфт: «Асрор бас!»

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хоҳиши мардум бувад рангобаранг,
Халқпарварро ҳамин идрор бас.

Як бизоат нест мардумро, бубин,
Зору ҳам талбанда дар бозор бас!

То ба кай мушкил таги гӯраш барад?
Кай шавад ин кору ин пайкор бас?!

Кард мансабхоҳ тасарруф оламе,
Хонаи бе зодро бемор бас.

Сад ҳазорон аз мухаддир ҷон диҳанд,
Дигареро хонаи хаммор бас.

Мо зи нодонию ҷаҳлем нобино,
Худ ба худ беҳуда ин пайкор бас.

Лутф аз баҳри замин кам мекунем,
Ғафлатоинем ин кирдор бас.

Мактабу дорулфунинро ку сабақ?
Гар бувад шогирди он пулдор бас.

Дастгире нест деҳқонро кунун,
Кеҳу меҳро луқмаи тайёр бас.

Дасти пирӣ панҷа бар доман задаст,
Дард бар дӯшат, Амиро, бор бас!

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## НОМАИ ТАБРИКӢ
**ба ҳамкор ва рафиқи азизам Сайтоҷиддин Тӯраев, ба муносибати хонадор кардани писараш Ҷомӣ**

**I**

Мо ба Ҷомӣ боз ҷом овардаем.
Шамсу Ноҳид бар мақом овардаем.
Машрабе пур аз шароби дӯстӣ,
Амну омин бо салом овардаем.
Сидқро кардем тарҷеъ баҳри ту,
Исми Иллоҳӣ мудом овардаем.
Ишқро монеъа набвад ҳеҷ гаҳ,
Ишқро баҳри мудом овардаем.
Абдураҳмон фахри Ҷом омад ба даҳр,
Ҷомиро бахти давом овардаем,

**II**

Аҳмади Ҷомӣ сухан бисёр аз ин бора гуфт,
Баҳри Ҷомӣ ҳар сурудаш бо мақом овардаем.
Мавҷ дар мавҷ аст бин, Мавҷудахони нозанин,
Ишқи Лайлиро ба ӯ мо субҳу шом овардаем.
Ёри аввал ёри беҳин мешавад дар зиндагӣ,
Бо ҳамин ният барояш хуш калом овардаем
Шоҳи моро адлу инсофу футувват ёр бод,
Нози гулро мо барои ӯ ба ком овардаем.
Ҳам туро табрик мегӯям, Сайиди Тоҷиддин
Номи воло дорию з-он беш ном овардаем.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҲОЛИ НИЗОР

Омадам пешат, туӣ монанди бум.
Кай ту партоӣ зи сар колои шум?

Кард он як хору абтар модараш,
Монда модар даст дар тори сараш.

Дуздҳо бурданд ганҷи ин диёр,
Мондааст, шукро, ҳамоно пойдор.

Лек халқаш беиродат гаштааст,
З–ин маро, бин, тоқ тоқат гаштааст.

Ҳаст ҳарфе: «моҳӣ пӯсад аз сараш»,
Хонадонро нест дигар сарвараш.

Шуд замини мо ба мисли рӯзадор,
Дигар ӯро нест як ҳолу мадор.

Одамӣ гарчанд дасти баста нест,
Пас чаро дар деҳа ҷӯю раста нест?

Пеш буд ободтар ин деҳаҳо.
Будаанд масрур ин ҳамдеҳаҳо

Халқ бошад чун малоик бегуноҳ,
Ин дам ӯро нест ҷуз як оҳу воҳ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳоли ӯ гаштаст ин соат табоҳ,
Хӯрдааст дар ҷойи гандум бас гиёҳ.

Бори Ҳақро мешуморад сарпаноҳ
Ай Худовандо, бидор ӯро нигоҳ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## ҒУБОРИ ЧАШМ

Ғуборе чашми мо барбасту майдонро намебинад,
Аҷаб мағрур мардум, доғи домонро намебинад.

Ба табъи хокиён ҷо шуд хаёли хом парвардан,
Ба ҷуз аз дуздӣ ӯ як зарра имконро намебинад.

Хаёли қумрӣ омад, ризқи ӯ дар ин биёбон аст,
Диҳад аз ташнагӣ ҷон, ранҷи ҳирмонро намебинад.

Яки мо кай ду гардад, рӯзгор ояд ба сомоне,
Зи заъфу нотавонӣ хони мо нонро намебинад.

Бибаста нашъаҷаллобон саф дар олами имкон,
Бисояд сар ба гардун, ҳеҷ инсонро намебинад.

Хабар омад, ки акнун амн меҳмон мешавад моро,
Чӣ амн аст, кас илоҷи дафъи афёнро намебинад.

Шавад чоҳи ҷаҳолат жарфтар аз дасти нодонӣ,
Чаро авлоди Сино қадри ирфонро намебинад.

Тараҳҳум гум шуда аз байни мардум, монда бераҳмӣ,
Касе дигар сафои росткоронро намебинад?!

Касе гар сер худ бошад, бидонад сер мардумро,
Замин бекор хобу рӯйи як донро намебинад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Биёбонгард мардум гашта, бекорӣ чӣ даҳшат шуд!
Чу аждар дар камину раҳми инсонро намебинад.

Манеҳ аз сар, Амиро, орзуи рӯзгори хуш,
Дили покат ба ҷуз некӣ дигар конро намебинад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЗИНДАЕМ

Зиндаем дар хоки бобоҳою ҳам бобокалон,
Зиндаем бо мардумону обу ҳам ин хокдон.

Зиндаем дар асли рӯзу бо умеди рӯзи нек,
Зиндаем дар чарби халқу дастрас то осмон.

Зиндаем,бо ҷони худ ҳифз аз ҳаводис мекунем,
Тарс аз тӯфони Нӯҳ, ҳам хеш холис мекунем.

Зиндаему лек идроки зарурӣ нест–нест,
Баҳри мазлумон яке гулҳои сурӣ нест, нест,

Зиндаву чун мурдаем, тарсанда аз тиру камон,
Нест як асбоби кору боварӣ дар ин замон.

Зиндаему дар зимистон, рӯзу шаб ғам мехӯрем,
Нони қоқу оби сарду барф тавъам мехӯрем.

Зиндаему рӯ ба раҳм орем сӯйи осмон,
К–эй Худовандо, ту моро з–ин балоҳо вораҳон!

Зиндаем, аммо дар ин дунё шуда раҳгуму кӯр,
Миллате дорем, бемор асту дар айни футур.

Тифлаки навзод худро тифли Истиқлол гуфт,
Шуд ба тифлиҳо раису хеш соҳиббол гуфт.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дузду раҳзан то ҳанӯз аммо ба кори хеш банд,
Ғайри фикри худ надорад ҳеҷ фикреро писанд.

Ай Худованди Каримо, давлату иқбол деҳ,
Раҳм бинмо, шафқату бар ҷони мардум ҳол деҳ!

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МАРСИЯ

*дар реҳлати омӯзгори варзида*
*Саидҳомид Наимзода*

Саҳар хезам – баҳорам тирамоҳ аст,
Чароғи машъалам дуди сиёҳ аст.

Саросар навҳа дорад буму қишлоқ,
Ҳама ҷамъанд чун бозори халлоқ.

Ба гулшан ин пагоҳӣ хун чакида,
Ки хун дар дашту дар ҳомун чакида.

Самои деҳамон зулмонӣ гашта,
Кунун ғам баҳрамон арзонӣ гашта.

Биёмад абру торик рӯз карда,
Ҳама дилҳои мо пурсӯз карда.

Бирафт устоди фарзандон аз ин дор,
Зи мо бурдаст ӯро марги ғаддор.

Буд ӯ устоду пас садкора гашта,
Чу оҳангар аҷаб хушкора гашта.

Чу вай мутриб набудӣ ҳеҷ дигар,
Бишуд машҳур дар деҳ ӯ саросар.

Замин баҳраш кунун бегона гардид.
Заминро балки ӯ чун дона гардид.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Насибаш гашт коми талх бурдан,
Ба пеши кирдугораш ҷон супурдан.

Чӣ хушгуфтор буд монанди булбул,
Ба ҳар як анҷуман чун дастаи гул.

Фазилат дошт ӯ бас неку воло,
Амонат рафт аз каф шоҳи маро.

Ба дардаш ҳеҷ дармоне наёмад.
Ба дил ӯро ҷуз армоне наёмад.

Вафодораш нашуд дунёи фонӣ,
Бибаст ӯ рахт бар дори амонӣ.

Бишуд аз колбад ҷонаш фирорӣ,
Чу марг омад, надонад ҳеҷ зорӣ.

Худо ҷойи варо ҷаннат бисозад,
Ба аъмоли накӯйи хеш нозад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МАРСИЯ

*андар реҳлати ҷонгудози дӯсти қадршиносам*
*Юсуф Шарифзода*

Юсуфам аз дори олам рафт, Канъон холӣ шуд,
Кулбаам буд хонаи ӯву зи меҳмон холӣ шуд.

Ҳар сухан мегуфт, ҳазлу ҳам зарофат дошт он.
Рӯйи ӯ пурнур буду бас латофат дошт он.

Мурғи зирак буд, паймонаш басе мардонавор,
Ёр мислаш кас намеояд дигар дар ин диёр.

Росгӯю рострав, бо ростӣ афсона шуд,
Баҳри ёру дӯстон ҳам ҷому ҳам паймона шуд.

Ҳар сухан мегуфт, тамъи савти булбул дошт он,
Бо ҳама хурду калон буд ӯ латифу меҳрубон.

Фозилу ровӣ буду садри ҳама маҳфил мудом,
Кори бар дӯшашбуда ҳаргиз намешуд нотамом.

Ҳар сухан ӯро фасоҳат ҳам балоғат дошт низ,
З–ин сабаб буд ӯ барои аҳли дил қиммат, азиз.

Мо ба ҳам будем андар қалъаи Темурмалик,
Гиряҳо кардем бар аҳволи ин некӯмалик.

З–ӯ ҷавонмардӣ, футувват баҳри мо мерос шуд,
Дар раҳи мардонагӣ Юсуф ба ҳиммат кам набуд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шуд Сайидҷон Холмат он ҷо парасторе ба мо,
Раҳбари хониш ба мову раҳбари коре ба мо.

Вақташ омад, чун Сайидон – пири мо реҳлат намуд,
Гӯйӣ, хислатҳои некашро ба Юсуф дода буд.

Хайр мекард бар ҳама хурду калон ӯ раҳ ба раҳ.
Чунки медонист, марг ояд–табаҳкори сияҳ!

Хӯру хоб аз даст дода, дар замин меҳнат намуд,
Шукри маҳсулаш намуда, бар Худо тоъат намуд.

Насли ӯ қобил биёмад, чунки худ қобил будӣ,
Балки аҳли байтро монандаи як дил будӣ.

Ҷон ба Ҳақ таслим намуд шайху дигар ноёб шуд,
Лахта–лахта дил маро бо ёди ӯ хуноб шуд.

Шод бошад рӯҳи ту, ҷоят шавад ҷаннатсаро,
Ёди ту дар қалби мо маъво гирифта доимо.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## СӮЗИ ДИЛ

*Боз ҳам ба ёди дӯсти гиромиам*
*Юсуф Шарифзода*

Бар сабзаи хоки ту назар мекардам,
Ёди ту ҳама шому саҳар мекардам,
Аз лафзи ту хуш буд ҳамаи хурду калон,
Нақле зи ту бар аҳли башар мекардам.

Бар модари айём будӣ тифли асил,
Ҷуз ростиҳо туро набуд ҳарф ба дил.
Касби падарон аҷаб накӯ медоштӣ,
Ту хор накардаӣ варо як сари қил..

Айёми гулу сабза туро ёд кунам,
Ин умри шариф ба гуфтаат шод кунам.
Андар сари гӯри ту бисабзад арча,
Бо оби ду дида гӯрат обод кунам.

Дар анҷумане будам, ду кас дар сари тахт,
Бо номи туаш навишта шуд номаи бахт.
Дар маҷлиси бахт базлагуӣ кардӣ,
Бо нарми сухан тофта ту оҳани сахт.

Арвоҳи ту ҳам бахту бароре дорад,
Бо асл ҳамеша ғамгусорӣ дорад.
Ёди ту, хисоли неки ту ҳамраҳи мост,
Бо номи ту мардум ифтихоре дорад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар пеши ту буд аҷаб булурин коса,
Буд кӯзаи май ба пеши ту бас хоса.
Дидам, ки фалак умр басе кам додаст,
Аз омадани марг набуд талвоса.

Бар дахма–мағок, ба ёдбудат рафтам,
Бо ёру диёр сар ба суҷудат рафтам.
Бо лафзи ту ханда менамуд ёру диёр,
То ҳастию ҳаст, назду дурат рафтам.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

# ДӮШБОРИ ШОИР

*(рубоӣ ва дубайтиҳо)*

*То субҳ маро ду чашми сар бедор аст.*
*Андешам аз он, ғами ҷаҳон бисёр аст.*
*Печида ба кулфат аст оқил ҳама дам,*
*Нодони зи пайи роҳату оқил хор аст.*

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

1

Дидем, ҳама ҷанги ҷаҳон боиси чист,
Кӣ нек варо бигуфту кӣ хонд чу зишт?
Олам ҳамагӣ ғарқаи хун гардида,
Гуфтанд, ки Амрико шуд инро боист.

2

Ин навданиҳоли боғи оламро бин,
Ин сарвқади замони «Ҳотамро» бин,
Ди шоҳу арӯсу шаҳ имрӯз ба сафар,
Бекорӣ дар ин олами мубаҳмро бин.

3

Гаҳе пурсон шавам аз фикру ҳар дид,
Биёбам қоими дузду бар он зид.
Касе чун хор инсон менамояд,
Ҳамехоҳам, варо дар пӯсти хар дид.

4

Мусулмонӣ гузашт аз банди кофир,
Зиётоҷик бишуд мутеъи вампир,
Ҳама масъулро бекора дидам,
Ғами дунёст бори пушти шоир.

5

Намонда рӯшанӣ, ҷояш шиҳоб аст,
Зафар дар кор на, не фатҳи боб аст.
Ҳама мардони майдон бо сари хам,
Ҳама ҷо дидам, оҳанги шитоб аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

6

Асло нарасад бар ҳамагон қулла ба даст,
Оини, парер бин, ки маро мӯҳра шикаст,
Иблису таронахонӣ аз озу ниёз,
Ҷуз хоҳиши ӯ нест яке моҳӣ ба шаст.

7

Бар панҷаи шерони ҷаҳон бор мабош,
Чун сер шудӣ, муқими анбор мабош.
Товус ба гулситон чу пар мерезад,
Ҳаргиз ту ба ҳамсоя чу ағёр мабош.

8

Ту гуфта будӣ одамӣ одил гаштаст,
Юсуф ҳамагӣ ба Миср омил гаштаст,
Ҳар як амали Юсуфи мо з-илму хирад,
Бар душмани ҷони мо муқобил гаштаст.

9

Сиёҳчашмони Хатлонӣ туӣ ҷону ҷигар моро,
Ба чашмони сиёҳат мо надодем мулки Дороро.
Якмурӣ чашми ту моро чу сайди хеш медонад,
Наафтонӣ зи миҷгонат ту мо-ин гарди раҳҳоро.

10

Кӯлобу Душанбе раҳи мошингард аст,
Ҳамвор яке қисму дигар пургард аст.
Мошин ҳама пурбор бувад аз ду тараф,
Ин мол чу соҳибаш чӣ ҳарҷогард аст!

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

11

Вакил, аммома бар сар кун, ба амни мо фирор овард,
Ҳама ночориро ин пахта пеши мо савор овард.
Фалаҷ дар кишту ҳосил мефурӯшад олами арбоб,
Аҷаб рӯзи баде чархи фалак имрӯз бор овард.

12

Қоқ шуд сарчашмаи оби ҳаёт,
Ришвахоро, аз ту ку роҳи наҷот?!
Ҳилла карда, бастӣ бо мансаб блок,
Ришва оё медиҳад хатти барот?!

13

«Эй бода парстон, раҳи майхона кадом аст?»
Бегоҳу саҳар аз пайи бедона чӣ гом аст?
Аз арш шунидам ҳама дам ҳарфи муҳаббат,
Бемузд магар меҳнати ин банда мудом аст?

14

Як гулбута, ай дил, ту ба гулзор нагаштӣ,
Бар ёри азизе ту сазовор нагаштӣ.
Барбастӣ ту раҳти сафару рафтӣ зи водӣ,
Ҳайфо, ки сазовори харидор нагаштӣ.

15

Савгандшикан, набахшамат як боре,
Аз туст ба ин халқи Худо озоре.
Гар шоҳ бишавӣ ё ба вазорат бирасӣ,
Донам, ки басе ба назди мардум хорӣ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

16

Саропо аждари шум аст ин чарх,
Барад маро, намепурсад яке нарх.
Надорад ишкамаш серӣ зи хӯрдан,
Барояш фарқ чӣ, ширин ва ё талх

17

Аҷаб шуд фирқаи одам ниҳоли сад гуле барҳам,
Нигар, ки хонаҳо холӣ, ҳама гӯёст дар мотам,
Надорад коргар коре, зи тақдираш чӣ безоре,
Бувад дар ҷустуҷӯи кор бо як ҳолати мубҳам.

18

Гул буд – назирам буд, худ ёр вазирам буд,
Чун ғусса ба сар омад, меҳмон чу касирам буд,
Меҳмон чу хабар овард, сад ғусса ба сар овард,
Руссия сафар карданд, ғам шоҳи кабирам буд.

19

Як давраи шилқину шум,
Гуфтанд онро дар нуҷум.
Он давра моро шуд насиб,
Омад ба мо монанди бум.

20

Иддаое нест моро ҳеҷ гоҳ,
Аз баланду пастиҳои «базмгоҳ».
Ҳаст рӯзи сахту дилҳои хунук,
Пашму ҷорӯб – сӯйи бозор ҳар пагоҳ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

21

Қадри одам камтар аст аз хоки роҳ,
Кай умеде дил кунад аз боргоҳ.
Шоми тор ояд, шавад дил банди ғам,
Гарми з-афтоб, рӯшанӣ ояд зи моҳ.

22

Дар моҳи алам ба гӯри ман лола дамид,
Олудабахун гулест, бодаш бишамид.
Гуфтанд касон, нишонаи ғам бошад,
Ку кас, ки ғам аз олами нопок надид?

23

Буд ҳарфи дурӯғ чу барфу борони баҳор,
Раҳмат бигурехт аз ҳамаи кунҷи диёр.
Пинҳон шавӣ дар гӯр дурӯғат гӯянд,
Бар лофу газоф кай ту меёбӣ шумор?!

24

Бин, сар ба сари кӯҳи Ватан гулзор аст,
Чатри гули тар ба дилбарон даркор аст.
Ин кӯҳ, ки ба сад шодию ғам шуд шоҳид,
Болои сараш гул асту дар дил хор аст.

25

Дар майкадае нишастам, омад шабаҳам,
Гуфто, ки: «Чаро нишастаӣ баста ба ғам?»
Гуфтам ки: «Бақои ҷон ҳамеҷӯяму нест,»
Гуфто ки: «Ҳиял накун, ки онат надиҳам».

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

26

Ҳеҷ донӣ, мардуме худро маломат мекунад,
Каҷ кунад лаб гар касе, бар худ хиёнат мекунад.
Аблаҳии одамӣ асло надорад интиҳо,
Ҳар қадам баргирад ӯ, худро ҳақорат мекунад.

27

Ранҷур касест, ғам биёяд ба сараш,
Кӯҳ гар бувад ӯ, об намояд камараш.
Бо дасти тиҳӣ касе ба мақсад нарасад,
Созад ғами зиндагонӣ зеру забараш.

28

Эй ришваситон, панаҳ мабар сӯйи Худо,
Зеро ки ту муртаду зи имони ҷудо.
Чун нафс шавад раҳбари рӯзу шаби ту,
Рӯзе бирасад, хеш ту мебинӣ гадо.

29

Ин халқ, ки мегӯйи аҷаб якранг аст,
Коре кунад он гулчамани садранг аст.
Зебоӣ ба боғу роғ аз меҳнати ӯст,
Ам мо чӣ кунад, аспи буроқаш ланг аст.

30

Файзи олам ҷумлагӣ аз мардуми собир будаст,
Одамӣ бар кулли коре дар ҷаҳон қодир будаст.
Чарх аммо доимо бо чашми кам бинад варо,
Ранҷу зарбаш медиҳад, беҳиммату ҷобир будааст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

31

Файзи олам бебақо аз муфтхор,
Мехӯрад, аммо қимоб аст ӯ зи кор .
Деҳқонро бош доим саҷдагар,
Хайр з-ӯ ояд ҳаме дар рӯзгор.

32

Ишқро аз баҳри мо гар авҷи меҳр овардааст,
Зулмати шабҳои моро худ сипеҳр овардааст.
Коргардоне ба кор омад, чу зоғаш хосият,
Гаштаем маҳбут к-ин иблис чӣ бор овардааст.

33

Бо гардиши чарх кас қаноат накунад,
Бар гуфтаи он касе итоат накунад.
Ҳастанд касон, ба моҳу анҷум рафтанд,
Афсӯс, вале ба кас шафоат накунанд.

34

Ба ҳар мулке шавад як ганҷ вофир,
На ҳарфи ҳар касе монад ба хотир.
Шуморад ҳар касе худро ягона,
Вале бар кору боре нест қодир.

35

Баъди поши шӯравӣ шуд гӯйи дастгоҳи навин,
Насри гандум буд ба хонам– нест як нони ҷавин.
Ришвахорӣ дорад акнун аз ҳама касбе ривоҷ,
Сахт бастан бояд онро бо шикели оҳанин.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

36

Дар асари ниё қавму қароре будааст,
Дар рӯзӣ басе файзу бароре будааст.
Имрӯз барои ризқ мардум сарсон,
Бар ҳамлаи фил магас дучоре будааст.

37

Гаҳ талху туруш, гаҳе чу ширу шакар аст,
Гоҳи дигар ӯ мисли камони камар аст.
Зан бин, ки варо бувад ҳазорон хислат,
Гаҳ хандабалаб, гаҳе ба дасташ табар аст.

38

Пижӯҳандаро мурғи илҳом бол,
Биҷӯяд ҳама дам ҷавоби савол.
Бувад душмани ҷони норостӣ,
На бо фол дорад яке қиллу қол.

39

Ишқро созам тараннум, ганҷи умри одам аст,
Ишқ садрангии дунёву хироҷи олам аст.
Ишқро нозам, ки моро умри дигар медиҳад,
Ҳар кӣ шуд ошиқ, валинеъмат мисоли Ҳотам аст.

40

Биллоҳ ту далерию маро болу паре нест,
Ин хонашинро чуману пою саре нест.
Дар хонаи сайёд фаровон пари мурғ аст,
Дар хонаи бемори ту ҷуз чашми таре нест.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

41

Чун сарсухан аст тозагии одамӣ, медон,
Бе тозагӣ гӯё ки ба зиндон бувад ин ҷон.
Бо тозагӣ созӣ, бишавад умр бамаънӣ,
Онро нописандӣ ту, яқин, ҳастӣ ба зиндон.

42

Ин фоҷиа бин, ки оваридаст малах,
Бишкасту бирехт, ризқу рӯзӣ ҳама талх.
Аз озу ниёзи фалаки ҷомакабуд,
Ин ғурраи умри мост дар қабзаи салх[1].

43

Ай лофзано, кӯрӣ, ба пешат гӯр аст,
Дунё ҳамагӣ харобзор аз зӯр аст.
Орӯӣ ту, шаҳд не, ки хор овардӣ,
Аз дасти, хорузор садҳо ҳур аст.

44

Эй халқи азим, нигар ба неку бади ман,
Як дам бинигар ту бар қабулу ради ман.
Эй тоҷбасар, мисли ту тороҷ манам,
Ағёри ту гаштааст деву дади ман.

45

Сарсухан буд тозагии одамин,
Рост гуфтан, рост рафтан ҳамчунин.
Ёдгорӣ ин сухан з–аҳли ниёст,
Бод бар гӯяндааш сад офарин!

---

[1] Салх – пӯсткунӣ, пӯстканда.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

46

Хабар дорӣ аз хусравони Аҷам,
Ки карданд бар зердастон ситам?»
Хато кардаанду нафаҳмидаанд,
Ки бошад ба дунё басо зеру бам.

47

Имрӯз дилам шайдост, хунёгари беҳамтост,
Дар коргаҳи шерон, сад пасту баландиҳост,
Сад дил шиканад имрӯз, як дил бишавад пирӯз,
На шеру паланге ҷӯ, гар рӯ ба баландиҳост.

48

Деҳқон, ба ту ғафлате муяссар нашавад,
Гар хуспӣ даме, кишти ту хуштар нашавад.
Дар ғафлати доимӣ зимомдори замон,
Гар пайрави ӯӣ, ҳол беҳтар нашавад.

49

Дар ёди санам будам, сабо омаду рафт,
Ду кабки дарӣ бесарупо омаду рафт.
Гуфтам: «Ҳама осемасарӣ баҳри чӣ буд?»
Гуфтанд: «Зи дур азизи мо омаду рафт».

50

Сар то сари кӯҳи ватанам гулпош аст,
Оруи асал дар он шаҳдинпош аст.
Гул гар бишкукуфт, накҳат ояд ба машом,
Аз нола дили мурғи ғазалхон реш аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

51

Ганҷи ҳикмат дидаам дар тинатат,
Субҳи гайрат оядам аз ҳикматат.
Сарбаландиҳот иқболи ман аст,
Сарфарозам, эй Ватан, аз қудратат.

52

Пайваста ниҳоли кӯҳнаро нав бикунам,
Дар хоки замин гандуму ҳам ҷав бикунам.
Эй ҳамватанон, дар ғами рӯзист ҷадал,
Ман шому саҳар аз ин даводав бикунам.

53

Як пора замину найшакар мекорам,
Шуд «кӯҳна»-ву бо хуни ҷигар мекорам.
Доруст куҷо, ки гарди пору набувад,
Мегӯйӣ, ки тухми бесамар мекорам.

54

Аз кӯҳу камар баски саъодат дорам,
Шукрона аз ин ҷумлагӣ одат дорам.
Ман мисли уқобон бипарам дар паноҳам,
Ҳар дарди худ аз гияҳ табобат дорам.

55

Зебосанамо, ҳаст туро лафзи дарӣ,
Хокат зи куҷост, мекунӣ базми парӣ.
Лафзе, ки ту дорӣ, нест мислаш ба ҷаҳон,
Айб аст вале ҳарфи дурӯғ аз саҳарӣ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

56

Тақдир биё, мансаб канда дилу ҷигарам,
Як мулки дарунхолӣ дар он мисли парам.
Таҳба таҳ ҳамон аст, ки ҳама буд одам,
Аз нокомии мардум, сӯхта ҳезуми тарам.

57

Дар кӯчаи мо ҳам наю ҳам найшакар аст,
Духтарҳои қадрасаш чу садбарги тар аст.
Рафтанд писарон аз паси ризқу рӯзӣ,
Гул пир шуду ду дида бар сӯйи дар аст.

58

Бо раҳ гузарам, ба рӯйи раҳ хоб абалаҳ,
Монанди харе хобад рӯзу бегаҳ.
Умре гузарад ба хоб чун мори карахт,
Кораш набувад ба рӯз бо ҳафтаву маҳ.

59

Андеша намуда, сахт барманд миён
То аз ҳама сахтиҳо биёбем амон.
Дорост ба фикри қалъа, нодор ба нон,
Аз ҳар кӣ бипурсӣ, гӯядат: «Айби замон!»

60

Ҳар кори ҷаҳон ҳудуду ҳад бояд дошт,
Ин оби ҷаҳонӣ ҷазру мад бояд дошт.
Ҳар халқ ба қадри хизматаш менозад,
Ҳар хурду калон низ Самад бояд дошт.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

61

Мо ришваситони рӯйи олам набудем,
Буд вақти хушу нишонаи ғам набудем.
Бо илм ҳама ҷаҳон мусаххар кардем,
Аз ҳеҷ касе рӯйи ҷаҳон кам набудем.

62

Эй, Вахш, чаро ки шери мастат гуфтанд?
Соҳил ҳама бозичаи дастат гуфтанд.
Кафке ба лабу мезадӣ сар бар дили кӯҳ,
Чун нур бидодӣ, бешикастат гуфтанд.

63

Ин мардума бин, ҷумлагӣ маҳзун гаштаст,
Бекору ба кунҷи хона маскун гаштаст.
Олам дигару кор дигар, бор дигар,
Ғам шоҳи ҷаҳон, банди ҷигар хун гаштааст.

64

Дунёи дигар, биё капитал пир аст,
Мардум ҳама дар фикри ягон тадбир аст.
Ӯ дар ҳама ҷо лоф зи бахтам бизанад,
Зеро ки ҷаҳон баста ба ин занҷир аст.

65

Бадри оламгирро афлок поиш додааст,
Олами зулмотро шеде кушоиш додааст.
Беадад асрор дар арзу само бинҳуфтааст,
Ҷисми пурасрорро олим пажӯҳиш додааст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

66

Ончунон кардем мо, кас ҳеҷ натвон он кунад,
Оламеро сар ба сар вайрону дар фармон кунад.
Бишканад дар ҳар куҷое ӯ асоси умри худ,
Аз дигарҳо лек ин кирдори худ пинҳон кунад.

67

Таъбирзано, уфуқи аълоят ку?
Шаъну шарафу ҳуқуқи волоят ку?
Аз лофу газофи туст вайрон ҳама ҷо,
Беҷой ту мондӣ, лофако, ҷоят ку?

68

Чархӣ ту, вале ҳеҷ ба чархе нарасӣ,
Қиммат шумораӣ хеш, ба нархе нарасӣ.
Ёқуту ҳазор киссаи зар дорӣ,
Мардум бихӯранд, ҳеҷ ба бархе нарасӣ.

69

Адолатпеша шав ту баҳри ҳастӣ,
Пушаймон мешавӣ аз худпарастӣ.
Заминро рӯзидеҳи одамон дон,
Вагарна дон, ки худ худро шикастӣ.

70

Раҳмати олам, бидон, аз пирҳост,
Он чӣ моро зинда дорад ширҳост,
Дар паноҳи халқи худ роҳат кунем,
Носипосӣ баҳри он чун тирҳост.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

71

Ай қудсӣ, маро соз ту поядаву равшан,
Аз меҳр маро бахш ту историаву ҷавшан.
То ин ки ҷилои Ватан аз мо натарошанд,
Ҳар ҷо, ки равам, соз бароям ту чу гулшан.

72

Афсӯс, ҷаҳон забуну абтар гардид,
Ҳар дузди мазор мисли ахтар гардид.
Чун хонаю хишти моли мардум бурданд,
Фарёд задам, лек ҳама кар гардид.

73

Давре бирасид, замин ҳосил надиҳад,
Дар ҷанг амонат ҳеҷ қотил надиҳад.
Шуд тақсими моли муштарак дар аввал,
Як хас ба ту дар маърака коҳил надиҳад.

74

Бахт он будаст касро тан сиҳат бошад агар,
Оби сарду поранон, некӯ ният бошад агар.
Амри мазҳаб тозакориҳо таманно мекунад,
Мешукуфад боғи дилҳо, амният бошад агар.

75

Мактаб, хоҳам, ба хулқу чора кунад,
Ҳам аблаҳи лурро чу хушкора кунад.
Оини падар диҳад, расонад ба самар,
Бар касби падар маро чу дилдора кунад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

76

Оламе гардид пурахтар чу моҳе шуд маро,
Ахтар аз авҷи само рафту балое шуд маро.
Дар талоши рӯзӣ акнун доим хун мехӯрам,
Беҷавобак монд аҳам, бесадое шуд маро.

77

Аз хоки сиёҳ ракетаи олӣ хест,
Аз зулмати шаб адолати ҷорӣ хест.
Дар тиннати раҳбарон тамаъ ҳеҷ набуд,
Ин дастаи оли ба ҳиммати оммӣ хест.

78

Ин пири хирад, ки ҳар сабо мегардад,
Бо амри Худо баҳри сафо мегардад.
Бо сифлаю нокасон надорад коре,
Ӯ дар бари ёри бовафо мегардад.

79

Вазъи бади айём чунин овардаст,
Ҳоли ҳама дилҳо ба забун осардаст.
Вақти хушӣ як лаҳза набинам, чӣ кунам?
Ин ҳоли бодам фишори хун овардаст.

80

Дар нармазамин тасмачархе агаре бояд,
Сечарха кунад, рӯзӣ зи Балхе ояд.
Бадбахт манам, чӣ рӯзи сахте дорам,
Аз дида чу рӯд оби талхе ояд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

81

Аз пахши дурӯғинхаборон метарсам,
Аз дидаи зори нигарон метарсам.
Афсонаи беғамии пешин хонанд,
Аз худ на, зи ҳоли дигарон метарсам.

82

Гуфтам ба ту, эй дил, ки марав роҳи дароз,
Мушкил бувад ин раҳу ба он бозӣ масоз.
Гар тухми дулонае бирезад ба замин,
Ту меравию, дулона мехезад боз.

83

Дар шебу фарози зиндагӣ ланг шудем,
Мо, бандаи сарсахт чӣ дилтанг шудем.
Олам ҳама кору коргарҳо ҳама хоб,
Аз чист, ки ландаҳуру бенанг шудем?!

84

Насиби рӯзӣ аз бозор кардам,
Дару девори худ абгор кардам.
Кучо шуд одаме, ки дона пошад
Заминро баҳри ӯ шудгор кардам.

85

Талотумҳои дунёро ба мо «равшанзамир» овард,
Чӣ беғам буд умри мо, ҳам ғамро кабир овард.
Басе солест, беҳбуди варо дорам таманно ман,
Нагардад беҳ, чаро моро балои муқтадир овард.

86

Яқин, мазҳаб садои рӯз дорад,
Ба ҳар рӯзе дигаргун сӯз дорад.
Замоне душманаш ҳизби комун буд,
Ба кӣ пархош ӯ имрӯз дорад?

87

Дунё ҳама вайрона шуд аз дасти хабар,
Бас давлату савлат шуда з-он зеру забар.
Аз фитнахабар фано шавад арзу само,
Аз шумхабар, Худо, намон ҳеҷ асар.

88

Деҳқонӣ кунун фитода бар досу чапар,
Деҳқон шуда дар давраи нав хуни ҷигар.
Аз техника гуфтанӣ чизе нест дар ӯ,
Бо қулбаи говӣ чанд мегирӣ самар?

89

Хомӯш агарчи оташи Намруд аст,
Аз ҷанги гузашта рӯйи олам дуд аст.
Дунё шуда мутеъ ба ду–се Чингиз нав,
Ҳар чӣ нигарӣ рӯйи саморо, ҷуд аст.

90

Дар кори замон хайрбин бояд буд,
Дар хайр ҳамеша мутмаъин бояд буд.
Имрӯз нашуд беҳ, бишавад рӯзи дигар,
Дур аз ҳама бухлу ҳам зи кин бояд буд

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

91

«Ҳунарҳо»-и ҷамоат ҳар каси бекор медонад,
Фишору боди сардашро тани бемор медонад.
Ҳамегуфтем, айёми рукудеро фоно кардем,
Фалаҷ гаштем сартосар, фалак ин кор медонад.

92

Ростӣ, дар ҷустуҷӯят пухтаем,
Эй афлат, мо ваҳобат гуфтаем.
Ҳокимон маҷбурӣ карда раҳравон,
Дурри беқадре чаро мо суфтаем?!

93

Бахт саргардону мо дар ҷустуҷӯ,
Булаҷаб дидам ман ӯро хулқу хӯ.
Рӯ ба сӯйи мо нагардонад дигар,
З–ӯ нагун афтод моро обрӯ.

94

Ҳомӣ хонад матбуоти мо ба мардум хешро,
Гӯиё бардорад аз хоки сияҳ дилрешро.
Матлабаш аксар вале хомухатал ман дидаам,
Мисли орӯ мезанад бар ҷони мардум нешро.

95

Сидқ дорам, меҳри бепоёни дил,
Аз ғиромӣ нестам як сар чу қил.
Бар ҳама кори Ватан омадаам,
То набошам рӯзи вопас ман хиҷил.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

96

Сар ба сар мулкам бувад тоҷикнишин,
Порс шуд ангуштарӣ тоҷик нишин.
Ҳарду фарзандони як модар, падар,
Ҳарду фарзандони як дини мубин.

97

Одамӣ – махлуқи волоқудрати Парвардигор,
Инчунин бахшида бар одам сифоти бешумор.
Пас чаро инсон намедонад сифоту қадри худ?
Доимо банд аст бо ҷангу ҷидолу корзор.

98

Хешро бисёр кардастем мо рӯзномахон,
Мехарем рӯзнома баъзе вақт ҷойи ошу нон.
Аз варақгардониҳои беш шалпар мешавем,
Ку вале ҷолиб матолиб то маро гӯяд: бихон!

99

Дар фаҳш набуд мардуму фаҳш омада боз,
Балки шуда дар фаҳш аҷоиб устоз.
Иблис шудаст раҳбалади хурду калон,
Гӯё шуда ӯ бо ҳамагон ҳамдами роз.

100

Камобӣ шавад, зи ҳар қубур занг ояд,
Аҳволи ҳама дар ин замон танг ояд.
Хум бояду кӯза, то хурӣ оби ҳалол,
Варна ба гули рӯйи ту оҷанг ояд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

101

Дар ҷабру ситам ҷаҳон футӯҳе дорад,
Рухсораи мо,бубин, ду ҷӯйе дорад.
Аз дасти фалак як дами беғам набувад,
Мағрур бувад, басе шукӯҳе дорад.

102

Ин хок зи ҷисму ҷони мо сер нашуд,
Мутеъ ба камону тиру шамшер нашуд.
Ҳарчанд зи ӯст мабдаи мо ба ҷаҳон,
Фарзандхӯрӣ барои ӯ дер нашуд.

103

Зи куфрат ба ҳомуну Ҷайҳун хабар,
Ҳам аз туст бар ҷамъи инсон хатар,
Аё шум, дорӣ фақат ин ҳунар,
Худоё, биёяд ба фарқат табар!

104

То субҳ маро ду чашми сар бедор аст,
Андешам аз он, ғамӣ ҷаҳон бисёр аст.
Печида ба кулфат аст, оқил ҳама дам,
Нодон зи пайи роҳату оқил хор аст.

105

Аз ҷабри замон малулу дилгир шудам,
Ожанг ба рӯ дамидаву пир шудам.
Гуфтам, зи ман обод шавад кунҷи Ватан,
Бар нохалафон нишонаи тир шудам.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

106

Як ҳиллагаре омаду асъор овард,
Чун маззаи он бидид, сад бор овард.
Якро ба ду мефурӯхт ӯ ҳар шабу рӯз,
Ногоҳ қарағчӣ зад, ба вай дор овард.

107

Ҳилласоз омад, раисӣ мекунад,
Хоҷаро бинӣ саисӣ мекунад.
Аз фиребаш хоҷагӣ талон шуда,
Ганҷ беш аз кӯҳ, хасисӣ мекунад.

108

Буд бахт ёри мову, буд нек бас замона,
Мо бас тифоқ будем, чанге буду чағона.
Омад басе замони бесарварӣ, нифоқе,
Аз бахт барканорем, оё зием ё на?!

109

Осиё, имрӯз ҳам хону дари ту мотамист,
Ҷои шӯъла, гиряю дар ҷои беши ту камист.
Бесариро бар сари ту бас накарда золимон,
Гӯйи, дар ин шӯру шарҳо боқӣ умрат як дамест.

110

Бо дасти чу ман ҷомеъае сер нагардад,
Монанд ба он, ҳеҷ забун шер нагардад.
Ҳар як зи паи рӯзӣ давад, ҷомеъа сер аст,
Бар коҳилиҳо пешравӣ ёр нагардад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

111

Ростӣ, дар ҷустуҷӯят сӯхтем,
Эй адолат, офтобат гуфтем,
Дар куҷоеду чаро пайдо наед?
Дида бар роҳи шумо андӯхтем.

112

Ё Раб, ту маро боз ба аҳбоб расон,
Рустам манаму боз ба Сӯҳроб расон.
Ман аз хати умри хеш берун рафтам,
Дорам талабе маро ба ин боб расон!

113

Ту ҷаҳд кунӣ, мактаби олӣ «хонӣ»,
Андеша бикун, ту з-он чиҳо медонӣ?
Коре ту накарда кӯҳна шуд дипломат,
Бекор ту дар миёни раҳ мемонӣ.

114

Ин боми азим, зери фишораш моем,
Навзодаву тифли дар канораш моем.
Тадбир бубояд, ки зи офат бираҳем,
Бинанд ҳама, ситоразораш моем.

115

Гулкораму, гулшане ба бор овардам,
Садбарги сафед пеши ёр овардам.
Аксар гули гулшанам зибас сурӣ бувад,
Рамзест ба Шоҳу Маҳ қатор овардам.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

116

Арзест маро, роҳи дароз омадаам,
Ҳолам чӣ бад аст, бо ниёз омадаам.
Бо хархашаву дурӯғ гардон чарх аст,
Гӯё ба намоз бенамоз омадаам.

117

Кай дидаӣ, ки адо шавад озу ниёз,
Аз давраи Даққиёнус ин бошад боз
Чун чашми сағир нигоҳи мо ҳаст дароз,
Шояд ки шавад тахт ҳамин шебу фароз.

118

Чарх мегардад, заминро низ чархонад ба худ,
Ҳар чиро чарханда бошад ошно хонад ба худ.
Мо ба зери чархи гардон – фирфироки чархзан,
Лек моро ҳеҷ гаҳ ҳамдам нагардонад ба худ.

119

Ай, кошки, ман хирмани гул медоштам,
Гулҳои ҷаҳон дар раҳи ту мекоштам.
Як умр ба хидматат камар мебастам,
Хоки қадами туро гиромӣ доштам.

120

Як замон шуд, кори мошинро ба бозу мекунем,
Дар ҷавони хуфту хобе бе тарозӯ мекунем.
Дар глӯгоҳ омада дар қарзҳо побастаем,
Вақти кор омад, вале мо кӯҳна бозу мекунем.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

121

Аҷамро дода Тӯсӣ сарфарозӣ,
Забонро тоза кард аз турку тозӣ.
Фаровон ганҷ дода ҳамчу коне,
Аҷаб пайғамбаре дар чорасозӣ.

122

Эй фаълазанон, фаъол бошед доим,
Осонкуни ҳар муҳол бошед доим.
Бо меҳр ҷаҳони кӯҳнаро сабз кунед,
Дур аз ғаму аз завол бошед доим.

123

Вақти он аст сидқро бар марду зан ҷоиз кунем,
Шафқату меҳру вафоро мо ба худ ҳофиз кунем.
Маҳфил ороему доноро ба худ воиз кунем,
Бахтро шоҳаншоҳе монандаи Парвиз кунем.

124

Иброҳим араб набуду Соро чу ҷуҳуд,
Аз ҷуфти Исҳоқ рафт ибрӣ ба вуҷуд.
Яъқуб дар ин доира Исроил шуд,
Аз пушти Яъқуб Яҳудро ибри ба вуҷуд.

125

Зеҳни ман, боре маро аз ҳиммат авроқе бидеҳ,
Аз низоми мардуми пурдида байроқе бидеҳ,
То ки бошад рӯзи ман хушчеҳра мисли гулистон.
Бар самои боғу роғат боли парвозе бидеҳ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

126
Дар кӯҳи Ватан самар ниҳолон орад,
Ин пистаи тар ба пуштаҳо ҷон орад.
Дар домани кӯҳ мардумон баризқанд,
Бар мо ҳама дам ризқи фаровон оранд.

127
Бар ҳафт ситораи баланди гардун
Айроплан аст ҷойи гашти мардум.
Гаҳ соқу солим аз само баргардем,
Гоҳе бишнавад фурӯ барад олами дун.

128
Зебандаи оламу дурӯғ аст кораш,
Зебандаи оламу хато ашъораш.
Бист сол шуду халқ раҳу рӯз надид,
Пас мазраи умр аз чӣ шуд даркораш?!

129
Имрӯз бувад замони бедории халқ,
Кошо, ки шавад замони ҳушёрии халқ.
Созем талош, зиндагӣ гул бикунад,
Аз ёд равад ҷумла дилозории халқ.

130
Гуфтор шуда басе дурӯғин моро,
Медонӣ, чӣ буд ҳарфу оин моро?!
Аз рушду камоли хеш маҳрум гаштем,
Медон, ки бувад накӯтарин дин моро.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

131

Эй хоҷа, туӣ ҳабиб дар танҳоӣ,
Чун як ба якем, зи ман ту зар мехоҳӣ.
Варна зи ту кас ғайри риёе нашунид,
Болои ҳамин ба туст раҳматбойӣ.

132

Садои пои моро дасти домангир медонад,
Хами дасти адолат пои дар занҷир медонад.
Яке гуфт: «лаънати дунё ба оини адолаткуш»!
Ҳама асрори дунё ақли оламгир медонад.

133

Моҳи оламгир бин, кори аҷоиб мекунад,
Равшанӣ орад даме, худ гоҳ ғоиб мекунад.
Гирди гардун чарх орад, торро равшан кунад,
Тифли гирёни маро бо рӯз соҳиб мекунад.

134

Сияҳгӯш, пагоҳ омадӣ.бозорат ку?
Ду чашм ба роҳ омадаӣ, ёрат ку?
Наврӯз, ки ҳамроҳи ту буд, нек расид,
Дар базми гулон яке харидорат ку?

135

Тоҷик, магар туро раҳе нест?
Аз дарди дилат як огаҳе нест.
Дар шӯрави буд вусъату шерони тамиз.
Ҷуз пора вале дигар ҳавохоҳе нест.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

136

Гӯё, ки бало омаду рафт олами нур
Кӯтаҳ буда ҷои ранҷи он зӯр, чӣ зӯр!
Дар рӯзи талош тухм зоид Иблис,
Мардум ҳама рангзарду зӯрон калахӯр.

137

Ҳар гаҳ ки замин ларза кунад дар шаби тор,
Мардум гиряд зи наҳси селоби баҳор.
Қоим шудааст қиёмате дар сари кор,
Гиряд ҳамагӣ зи ҷабри он зори ба зор.

138

Шукуфон як замон буд рӯзгорон,
Замин зархез аз Хуршеди тобон.
Ҳама кайҳон бишуд тобеъ ба инсон,
Замоне буд, замони шодиборон.

139

Шӯро чу бирафт, фалак чу девона шуда,
Девона ба хамру банг ҳамхона шуда.
Дунё шудааст доми найрангу фиреб,
Деҳқон зи замини хеш бегона шуда,

140

Он чиз , ки ҳадя кард Ҳизби коммунист,
Аз қаъри асрҳо буду аз дудаи кишт.
Буд олами озода, адолат раҳбар,
Гӯё ба ҷаҳони тор оварда Биҳишт.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

141
Дар олами фонӣ ба чӣ кор омадаем.
Хор аст замин мо, сари дор омадаем
Меш аст чу гургу соҳибаш сагмонанд,
Мо бар чӣ бало, хоҷа, дучор омадаем?!

142
Чун кӯҳ будем, хурд чу як тал шудаем,
Дар оби хунук чу мушти гил ҳал шудаем.
Ҳар як зи пайи зиндагӣ саргардон аст,
Бар зулмати шаб ҳама мубаддал шудаем.

143
Медон, ки замон туро хату хома бидод,
Ҳам роҳату бахт аз бағали омма бидод.
Вайрона ту кардаӣ ҳама заҳмати халқ,
Ношукрӣ заду бахт ба бегона бидод.

144
Дар банди ғамам саҳнагаре боз омад,
Гуфто, ки ба Маскав буданам соз омад,
Додам ба гарав мардуми офатзадаро,
Муздаш бигирифту сӯйи Қафқоз омад.

145
Дай омаду май пеши гиребонам шуд,
Ҷӯгизанаке ба фол меҳмонам шуд.
Гуфтам, ки бизан фол ту, тақдирам чист?
Молам бигирифту дар ғами чонам шуд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

146

Ҳизби коммунист, ситоише нест варо,
Дар дохили худ намоише нест варо,
Заҳматкашию дониши мо мазҳаби ӯст
Оғӯш ба бекора намедод фаро.

147

Илтиҷо дорам заминамро, ки мамнунам кунад,
Бишканад пои дуруғгӯ бе чарочунам кунад,
Рафтагони мою ҳозир буда аз Шӯро чӣ хуш,
Кулфате омад ба асре, бас ҷигархунам кунад.

148

Меҳри олам чархи гардун нарм кард,
Шӯълаҳояш ин заминро гарм кард.
Пойи дар занҷир мардум доштанад,
Пой дар занҷир дида, шарм кард.

149

Дардо, фалако, рӯзи адим овардӣ,
Дар хирмани гул боди ҷаҳим овардӣ.
Дӣ бахту саъодати аҷаб моро буд,
Аз баҳри чӣ ту ғами илим овардӣ.

150

Бар димократ Шӯравӣ шуд душмане,
Кард бо ӯ ҳар замон мову мане.
Оқибат афтонд аз аспи замон,
Рехт ашки банда доман-домане.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

151
Бар гӯши фалак нишаста фарёд кунам,
Ин дарду алам бар сари худ бод кунам.
Гар тифли туам, чаро диҳӣ рӯзи бадам?
Аз ҷабри ту ин дил ба чӣ ман шод кунам?!

152
Кунад боли кабӯтар роҳ кӯтоҳ,
Барад пайғоми маро бо худ ҳамроҳ.
Ба чашми бад гирифторӣ мабодаш,
Ҳама бадхоҳ фитад худ дар таги чоҳ.

153
Бар насли башар ҳеҷ хиёнат накунӣ,
Авлоди башар ту бе диёнат накунӣ.
Метарс ту аз рӯзи ҷазо дар ҳама дам,
Бар ҳарфи дурӯғи кас иҷобат накунӣ.

154
Қишлоқ шукуфт, шаҳр баҳорон гардад,
Неъмат зи самараҳош фаровон гардад.
Аз файзи зиёраташ ҳама сер шавад,
З-он ҳамватанам чеҳрашукуфон гардад.

155
Кӯҳу даманам нигар, аҷаб хушрӯяст,
Боғу чаманам бубин, чӣ анбарбӯят.
Айб аст дар ин гуна Ватан кори фиреб,
Гӯё, ки Биҳишти адн дар ин кӯяст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

156

Ин мазра, ки байни мову ту кард ҳудуд,
З-ин пеш дили сахт варо ҳеҷ набуд.
Камризқ ба даври пирӣ гаштем, дареғ,
Байни ману ту монд ҳамин оташу дуду.

157

Чак-чак бичакад обу варо ҳавз кунам,
Ҳар ваъда, ки шуд ба одамон, лафз кунам.
Бар ҳарфи дурӯғи мардумон корам нест,
Ҳар дона, ки коштам, худам сабз кунам.

158

Ман пир наям, пирӣ наояд сӯям,
Ҷон гирам агар, гули Ватан мебӯям.
Чун равнақи киштукор бинам, серам,
Шаб то ба саҳар мадҳи халоиқ гӯям.

159

Аз хона баромадему дар пушта шудем,
Дар пеши далери шӯху олуфта шудем,
Гуфто, ки манам соҳиби ин кӯҳу даман,
Шуд ёр ба мову ба ҳам омухта шудем.

160

Эй хоҷа, биё, ки пои ман дар банд аст,
Дунё ҳамагӣ чаро чунин пурфанд аст?
Дар олами сармоя гап аз пул бошад,
Дар пои ҳама ришва чу занҷир банд аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

161

Кӯҳсори азиз, аз ишқи ту сармастам,
Хоки раҳи ту ба дидаҳо барбастам.
Меҳри ту бувад чу қудрате ҷони маро,
Рағми ҳама душманат қаламбардастам.

162

Аз ишқи Ватан гул бикунад боғи дилам,
Ҳамсоз ба ишқи Ватан аст сози дилам.
Баҳри дили ман ту мисли шарёнӣ, Ватан,
Бошӣ ҳама дам мурғи саҳарнози дилам.

163

Медонӣ, дилу сарам зи ман безор аст,
Бедодгарӣ зи дасти ин бемор аст.
Дил, гуфт маро: тани ту абгор намуд,
Ин акси садои як дили афгор аст.

164

Аз дасти ту, ай гул, зи замин зар хезад,
Аз қабзаи дасти ту шакар мерезад,
Ҳар гаҳ зи ҷабини ту чакад қатра, бидон,
Бе ҳеҷ шаке сурмаи тар мехезад.

165

Аз тоҷики ман умед дар баҳру бар аст,
Бас тоҷики ман фасеҳу волоназар аст.
Гар нест маро нишонаи зар ба ҷаҳон,
Ҳарфе чу занад, барои ман кони зар аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

166

Бисёр суҷуд мекунӣ сӯйи Сибир,
Бо ин ту ҳаме басе Каъба ҷазир.
Мехоҳӣ бузург бошӣ, гаштасти ҳақир,
Ё Ҳақ, ту кунам халос з-ин гуна кабир.

167

Сари бозуи маҳкам Рустаме ҳаст,
Бари рафъи дарде марҳаме ҳаст.
Чу толон гаштааст ин олам имрӯз,
Ба рағми хасми ҷон як ҳамдаме ҳаст.

168

Тоҷик тарафи Сибир намоз мехонад,
Худро, аҷабо, соҳиби роз медонад.
Як турфа кунад ҳидояте: «Рост бувад!»
Офтобнишин гуфта фароз мегзорад.

169

Ҷомеъа бишуд ҳарому каргас ба бараш,
Як порча наёфт нон гадое ба дараш.
Шуд ҷанг тамому баракат нест вале,
То ҳол барад кина бузурге ба сараш.

170

Дар ҷомеа байни худ надорем ҳурмат,
Не авҷу барор дидаву не қудрат.
Бо аҳдшикан Худой паймон накунад,
З–ин аст, ки гаштаем басе беҳурмат.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

171
Бар фалсафаи Сино накардем ҳавас,
Моро нашинохт касе, надонистем кас.
Ин ҳавзаи роҳи рост дар бурҷи қафас,
Маҳкам бинамуда ҷумла дар кунҷи қафас.

172
Дар зери фалак фузун чӣ аслу насабе,
Бас фосила байни ону фасли аҷабе.
Одам бинамуд ба аслу бекора ҷудо,
Кай дидӣ чунин ҳолату фаслу қасабе?!

173
Бо Саъдию Хайём басе ҳамнафасам,
Ҳастанд ҳамеша мисли фарёдрасам.
Ҷаҳде бинамуда, панд азбар созам,
Шояд, ки ба гарди хоки пошон бирасам.

174
Ҳойрони замину осмону чаманам,
Холист чаро зи дона дашту даманам?
Бо даври гузашта рафт хайру баракат,
Андар ғами ин замини хор аст танам.

175
Эй халқ, чаро Худою худ фанд кунӣ,
Дар мактаби олӣ таҳсили панд кунӣ.
Чун хатм кунӣ мактабу илмат набувад,
Гумроҳи дар ин дори ҷаҳон чанд кунӣ?

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

176

Баҳри бедории фаҳмам, аср, тарёке бидеҳ,
Чун зи бадкорӣ натарсам, қавлу идроке бидеҳ.
Эй нигар, инсон ҳамемебозад чӣ сон нақши паланг,
Серӣ мехоҳам, бароям кӯҳу айлоқе бидеҳ.

177

Ту шубҳа накун, ки оламе бемор аст,
Аз воҳиди шуму Кавкаби думдор аст.
Гуфтанд, ба халқ вафо накард аҳли кибор,
Бингар, ки яхистон дару ҳам девор аст.

178

Тоҷик, шав эҳтиёт аз баҳри хамир,
То қил наёбад раҳи он «мулки» фатир.
Афтад ба хамир, мушкилат кор шавад,
Ҳоҷат чӣ барӣ дигар ба гуфтори қадир?!

179

Гуфтанд, ба назъ чизе шавад имон аст,
Рағмаш ба камин ситодагон шайтон аст.
Имон ҳамагӣ чаро чунин тарсон аст?
Ҳар он, ки дурӯя хонияш, инсон аст.

180

Эй кошкӣ, мо итоати илм кунем,
Бар илми ҷаҳонӣ як чӣ тақдим кунем.
Аҷдоди ману шумо тамаддун доранд,
Мо хеш ба аҷнабӣ чӣ таслим кунем?

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

181

Ҷон чун ба лаб ояд, пой андар пеш аст,
Тезина ба дасти қотил, одам меш аст.
Дидастӣ, ба Амрико дигар лашкар нест,
Лек лашкари Амрико ба ҳар ҷо хеш аст.

182

Ахлоқи ҳамид зи батни модар ояд,
Бар рустаи навзод чу шаккар ояд.
Ойила зи зоти олами суфолӣ бувад,
Бар улвияташ бовари кас кам ояд.

183

Доим ба забон ҷамъоаю одаму кор,
Бо фазлу фазилату ба авҷу ба барор,
Ҳарфу амале рост наояд ба шумор,
Бо ин ҳама гӯянд, ки дил танг мадор!

184

Ин шом хабар аз хатари дарё кард,
Завқам бидамиду хабар аз дунё кард.
Ламсе кардам, замин ба лаббай бархост,
Ин чархи барин ҳосилам аз бурё кард.

185

Ин қуръазанон, ки аз қадим пуркоранд,
Таркиб занон зи кор бас безоранд.
Волоияте ба дину қонун надиҳанд,
Дар зиндагӣ то ба кай чунин бебоgranд?

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

186
Фарёд, ки як зумра гадоӣ дорад,
Доим талаби нони «худоӣ» дорад,
Дасторчае дар сари маскуни диёр,
Бо пахта вале лутфи самоӣ дорад.

187
Гӯянд, назорати басе олӣ ҳаст,
Гар нек назар кунӣ, гапи холӣ ҳаст,
Лойоба намуда об, моҳӣ гиранд,
Мақсуд дар ин замона худҳоҳӣ ҳаст.

188
Пайроҳаи зиндагӣ дигаргун гаштаст,
Навомаду ҷои сухра «Тайфун» гаштаст.
Ӯ неъмати мардуммон зи худ карду гирифт,
Мардум нигарӣ, чу тухми вайрун гаштаст.

189
Сатхи пӯсидаи мо аз ғами дунё шудааст,
Шафақи ҳезуми тар сӯзиши гулҳо шудааст.
Пош хӯрд мардуми як мамлакати ободон,
Хун аз ин пошхӯрӣ дидаву дилҳо шудааст.

190
Ҷабру ситаму наҳс мафӣ овардаст,
Ин шарбати талх бесафӣ овардаст.
Армон нашикаста рафт мардум таги хок,
Тӯфон шудаасту дӯзахӣ овардаст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

191
Эй халқи Худо малику молик туӣ, ту,
Дар рӯи замин чу дурри Холиқ туӣ, ту.
Меофарӣ ту неъмату рӯзӣ ба ҳама,
Бар бори Худо ягона содиқ туӣ, ту!

192
Хавфу хатаре шавад, қавӣ бояд буд,
Дар ҳақталабӣ марди давӣ бояд буд.
Бар луқмаи нони хеш соҳиб ту бишав,
Дар хислату хӯ ростраве бояд буд.

193
Ҷаҳл омаду пошхӯрда бин олами нур,
Кутаҳ буда ҷанг, сафинааш олами дур.
Калхот басе тухми адоват зоид,
На тоқату тоб монд, на санги сабур.

194
Боадл яке буда, ки Нӯширвон аст,
Дунёи боадл роҳати инсон аст.
Моро сабақ аз умр басе кас дода,
Маъқул ҳамон бувад, дар он ирфон аст.

195
Ай тоҷики ман, ту ҳеҷ бадкорӣ макун,
Бар бадгуҳарон ҳеҷ гаҳе ёрӣ макун.
Он кас, ки зи дасти ту гирифт, ёраш хон,
Ношукрӣ ба он, хилофи ҳамкорӣ макун.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

196

Гар нон бихӯрам, ба кас нигоҳе накунам,
Дорам чу насиҳате, гуноҳе накунам.
Одамкушӣ аз қадим буда баҳри чизе,
Молам набувад, аз он дифое накунам.

197

Донем накӯ, ки субҳу шом мегузорад,
Бо суру ба ашки бардавом мегузорад.
Беҳтар зи ҳама миёнаҳолӣ бошад,
Ҳар гуна шавӣ, ба ҳар мақом мегузарад.

198

Сайф шамшер аст, аз пӯлод низ,
Одил аст гар шоҳ, адлу дод низ.
Дафъ кунг бечорагиро, ай Худо,
Шом равшан кун ту бо имдод низ.

199

Рӯйинтанам, лек ба афлок ғулом,
Хоҳӣ чӣ тавон кард ба ин қудрату ном.
Ту лоф ҳамезанӣ, ки олам зи ман аст,
Худ лек надонӣ, ки гирифторӣ ба дом.

200

Ман марди фақиру баргу борам дониш,
Қонеъ бишавам зи рӯзиям бо хониш.
 Obод агар Ватан бувад, фахри ман аст,
Лек аз ту чӣ ҳиссаест, ҷуз саллаву риш?!

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

201

Фарёд кунам туро, ки Хуршед, биё,
Зулмот чӣ даҳшатест, умед, биё.
Бо нури худ ин зиндагӣ равшан бинамо,
Максудрасони шоҳи Ҷамшед, биё!

202

Волоқадаме, ки шони арзон мекофт,
Ҳар луқма хӯрад, дасту гиребон метофт.
Ҳам ханда ба аҳволи гадоён мезад,
Ҳар сол бас офат аз баҳорон меёфт.

203

Он тоқатбаёз, мо Абираш гуфтем,
Якто будаву пири кабираш гуфтем.
Ғамхор бувад ӯ ба кабиру ба сағир,
Чун гашт «сағира» мо асилаш гуфтем.

204

Ҳар гӯшаи хоки ин замин бемор аст,
Авроқу фазилату қалам бекор аст.
Як фозили ин мулк ба ҷое нарасид,
Шоир ба муҳоҷират аҷаб ғамдор аст.

205

Ҳар сангзаниҳои фалак исён аст,
З-он сӯхта дилҳову ҷигар бирён аст.
Аз мулки фаранг мурда оранду касал,
Бар ҳоли табаҳ хандазанон шайтон аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

206

Аз ҷони ҷафодида тане розӣ нест,
Коре, ки ба даст мекунӣ, бозӣ нест.
Бо досу каланд кай саодат ёбӣ,
Ин досу каланд бидон, ки хартозӣ нест.

207

Бибояд яке чеҳра бурдан ба зист,
Тани мо табӯ кардан аз баҳри кист?
Чу обод шуд ту шаҳру деҳе хароб,
Ба ҳолат бубояд чу баҳман гирист.

208

Ту шӯъла диҳӣ, рӯй чӣ равшан гардад,
Гар ғам бидиҳӣ, рӯй мулавван гардад.
Шоиста бувад умр набошад гиря,
Гар гиря кунӣ табъ чу баҳман гардад.

209

Лофе ту занӣ, зиндагӣ осон нашавад,
Дору набувад, дарди ту дармон нашавад.
Дар анҷуман аст ҷумла дар хоби гарон,
Ҳолест чи сон! Ҳеҷ кас ҳайрон нашавад.

210

Ту нағмазанон биё, ки мо пир шудем,
Олиҳаю солеҳи батадбир шудем.
Дар навҳа фитодаему тадбир чӣ суд?
Дар олами пурдаҳшати тақдир шудем.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

211

Дар дониш аҷаб кундию дар гап гузаро,
Дар хатту хабар шӯҳрай дар ҳарду саро.
На илми ҳақиқӣ дорӣ, не ҳарфи аниқ,
Дар ҷодаи фарҳанг ту гашдастӣ гадо.

212

Худованд офарид инсони олӣ,
Абад ҳеҷ кас намонад, чист ҳоле.
Яке машҳур гар холӣ кунад ҷо,
Дигар ояд, ҳам ӯ дорад заволе.

213

Май нӯш куну сағираро бор макун,
Девори каҷу шикастаро дор макун.
Дуздон ба чаманзори ҷаҳонӣ хоранд,
Бонанг бишав, ба duздӣ худ зор макун.

214

Гар сабр кунӣ, хасе набинӣ, чӣ будаст,
Фанде хӯрию дона начинӣ, чӣ будаст?
Одам зи аласт тарс аз худ дорад,
Аз тарс ба як гӯша нишинӣ чӣ будааст?

215

Талх аст чу умр, чаро биёям сӯят,
Ҳоҳам, ки Худо забар намояд кӯят.
З-иблис туӣ як сару гардан боло,
Умрам гузарад, Худо, набинам рӯят.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

216

Ба Яздону ин ҷони пурғам қасам,
Ба олам надида касе беситам.
Каси аз Ватан канда дар ғусса аст.
Худоё, ту гум кун зи сарҳо ситам.

217

Гарчи дониш арзу тӯли ҷумла оламро гирифт,
Сел шуд оби дурӯя, раҳи одамиро гирифт.
Сабқате омад, ба рағми нокасон ханҷар кашид,
Мардикори Осиё бори Таҳматанро гирифт.

218

Қайди номи дигаре дар «дафтари девона»,
Шукрҳо дорам, ки дар дастони мо завлона нест.
Ризқи мо аз дасти ноинсоф гардад чошу пош,
Шуд гиромӣ дар ҳама кореву ин афсона нест.

219

Ба мулке, ки адолат пойи мор аст,
Ҳавас бурдан ба озодӣ шиъор аст.
Бидуни Шравӣ дар рӯйи олам
Адолат гуфтанӣ коре на кор аст.

220

Дар Ватан бинӣ азобе гар, наранҷ,
Кори дунёро нахоҳӣ гуфт «панҷ».
Оварам рӯйи ниёзе бар Худо,
Олиҳиммат, бахшидам ӯ симу ганҷ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

221

Тоҷики нав! Тоҷикӣ кардӣ дурӯғ,
Боз медорӣ ту уммеди фурӯғ.
Кай ба роҳи рост мегардӣ ту боз?
Кай шиносӣ хурмаи шире зи дӯғ?

222

Дидаам, ки неш мезад пашша андар пои фил,
Камхирад хоре халонад доимо дар мағзи дил.
Неш андар пайкари Айнӣ задандӣ нокасон,
Ин қабил мардум чӣ пастеанд чун пастии сил.

223

Пароканда шуд ақлу мо бар замин,
Сазои ту гуфтанд, бошад ҳамин.
Фано гашт иқболи озодагон,
Ки буд зиндагонӣ варо ангубин.

224

Дигар ба яке зи боварӣ ҳарф чаро?
Довар на туӣ, зи доварӣ ҳарф чаро?
Раҳбар кобад халқи парешон то кай?
Рафтан ҳама дам ба ин чаҳи жарф чаро?

225

Вомонда шудему зӯри бозуе нест,
Бар мо як ишорате зи абрӯйе нест.
Аз ишқ асар намонда ташвиш басест,
Умед, агар кунӣ, аз он бӯйи нест.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

226

Эй хоки адим, об туро ҷон овард,
Кайфу тарабе туро фаровон овард.
Ту мурда будӣ зи тафти гарми кайҳо,
Дар ҷисми ту гул, сабзаю алвон овард.

227

Тарёк, туӣ ба бахшу пахши олам,
Эй халқ, ман аз баҳри ту дорам мотам.
Донам, гузарӣ кӯҳу биёбон аз тарс,
Бар ҳоли низор астию дил молаи ғам.

228

Ҷомеъаи тоҷику турк, пайвастагӣ дорад бузург,
Аммо ба даврони навин пайвастагӣ орад сутург,
Нимтоҷику нимтуркҳо кам нест дар даврона мо,
Вақти суҷуд, эй ҳақшинос, кам хешро хонӣ бузург!

229

Эй фалак, оҳиста рав, моро фидоӣ мекунӣ,
Дур аз пеши ту гардем, худ гадоӣ мекунӣ.
Омада рӯи замин Қуръон чу Қонуни қасам,
Мо қасам бо он хӯрему бевафоӣ мекунӣ.

230

Эй дил, туӣ монандаи ҷоне ба бадан,
Аз туст ҳама фикрату алфозу сухан.
Нолон шудаӣ зибаски аз давру замон,
Нолон зи ту гаштаам, ту нолонӣ зи ман.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

231

Эй халқ, азизию каримию шариф,
Пояндаю дорандаю биною латиф.
Бар дӯши ту зиндагист бас бори гарон,
Ризқ аз ту бувад, кайфу сафояш зи ҳариф.

232

Ҳарф гуфтанҳои мо дар даври тифлиҳост рост,
Баъд аз ин чун ҳар чӣ мегӯем, он ҳарфи хатост.
Одамон бар ростӣ гарчи ҳидоят мекунем,
Бардурӯғи беш андар ин ҳидоятҳои мост.

233

Рудро бин, кори сад меҳтар кунад,
Печ-печон нағмаи кеҳтар кунад.
Хеш дар оғӯши борон аждар аст,
Киштзору хона хокистар кунад.

234

Селоб дамиду лола дар пушта шуда,
Аз деҳа бадар шудем, ошуфта шуда.
Нон кофта ҳар тарф пароканда шудем,
Сарсон ҳама, хонумони мо шуста шуда.

235

Садбарг шукуфтаву насурхид рӯям,
Бӯйе нарасидааст аз он бар кӯям.
Дар мо гули сурху зарду сабз аст зиёд,
Фарёд, ки заъфаронӣ гаштаст рӯям.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

236

Себарга дамид, мо ба кафи хор будем,
Дар ҳасрати зиндагонӣ афгор будем.
Меъёри шукуфоӣ фирорист зи мо,
Гӯё сари сабзе ба сари дор будем.

237

Фосиқ зи барам гузашта гуфт: «Музминӣ!»
Парҳезгаре нидо намуд: «Мӯъминӣ!»
Гуфтам, ки каммунистаму ман шӯҳраи даҳр,
Гуфтанд: «Ту молӣ Шӯравӣ, худбинӣ!»

238

Куштан набувад он, ки ба теғ кушта шавӣ
Монанди замин ба зарба омухта шавӣ.
Куштан бувад он ки чун гадо металабӣ,
Соҳиб нашавад касе туро, «хуфта» шавӣ.

239

Дунё биталаб, чу давлати Шӯро нест,
Ин сози шариф дар ду ҷаҳон пайдо нест.
Меҳнаткаши оддӣ қадр медид баланд,
Чун пошдиҳандагони он расво нест.

240

Дунё бингар, ки бар салом омадааст,
Мӯҳтоҷию хорӣ бардавом омадааст.
Калтак бизада харобрӯҳе ба сараш,
Халқаш чу гадое батаом омадааст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

241
Доим зи қадим ба зан салоҳ мекарданд,
Дандону лабу гапаш нигоҳ мекарданд.
Гандумгунро, ки чашми аҳвар дорад,
Аз хона ба «нозебӣ» раҳо мекарданд.

242
Роҳзанмардум, Худо ҷазоят бикунад,
Аждар ёбад, ба худ ғизоят бикунад,
Аз ҳасти ту не сангу сафол аст дигар,
Мӯру магаси замин ҷафоят бикунад.

243
Тоҷико, бар дӯш дорӣ бори нав,
Будӣ марду боз ҳам мардона шав.
Кишварат обод кун бо дасти худ,
Миннат аз мардум нахоҳ чун дони ҷав.

244
Гапфурӯширо макун, эй хоҷа, кор,
Офарин бар мардумат ҳар лаҳза дор.
Рӯсиёҳ аст мардуми бедарсу дин,
Беҳтар он, ки донишу динаш бисёр.

245
Рӯз омад, гуфтаем, умед ҳаст ,
Лек рафт андар биёбони аласт.
Ҳалқ ғорат шуд зи дасти раҳзанон,
То ба кай монад чунин афту шикаст?!

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

246

Дасти ларзонро ба ҳукми рӯзгор овардаем,
Андаке сармояро чун мардикор овардаем.
Шиштаем андар каноре, мевазад боди хазон,
Ризқу рӯзиро зи Русу Чин ба бор овардаем.

247

Андар сари гӯру ту кунам навҳа баланд,
Дарё бувад умру кандааст аз сари банд.
Ҳомист Худо, умед бар дил монда,
Умед бувад ҳамон, ки якумрӣ наканд.

248

Ҳастии капитал шуда тӯфони ҷаҳон,
Бар гардани мардикор сад бори гарон.
Дар ҳеҷ куҷо надидам осонии умр,
Ҳар дам бивазад ҷониби мо боди хазон.

249

Мо дар раҳи зиндагӣ таваккал кардем,
Вайронаработи худ муаккал кардем.
Ин чист мусулмонӣ, надидем ором,
Бо абри сиёҳ хеш мубаддал кардем.

250

Пойдеворе, ки фаҳм аст пояаш,
Ӯ фузун орад зи ҳиммат мояаш.
Зӯр агар гардонд гардун сӯйи худ,
Буд падар пуслоқу ахлот дояаш.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

251

Ба мулкам биёяд саодат, яқин,
Хирад ғолиб ояд ба авлоди кин.
Шукуфад чу гулгашту боғу чаман,
Нигаҳ дорадаш ҳазрати Лоямин.

252

Эй тифлаки маъсум, чаро дар ба дорӣ,
Гар бе падарӣ, ба ман чу садбарги тарӣ.
Мушкил шуда бешу пур зи каҳбод Ватан,
Бахтат бирасад, ғам махӯр, эй кабки дарӣ.

253

Таркам бинамуд ҳабибу ман гирёнам,
Оҳангар агар буд ӯй, ман сандонам.
Ин хирқаи садямоқ к-андар тани мост,
Чун пора шавад, бо ҷигари бирёнам.

254

Дар пасту баланди ин замин пай ронем,
Дониш набувад, мо ҳамагӣ вайронем.
Хайём бизад сабӯи пурбода ба санг,
Дил бар чӣ занем, ҷумлагӣ мо ҳайронем.

255

Хокистари кӯчаҳо ба сар бод кунам,
Кай олами хуфтаи дилам шод кунам?
Нусрат бигузашт аз он баҳори рафта,
То гирам аз он хони ту обод кунам.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

256

Дар кӯчаи бекорӣ пароканда шудем,
Бекорӣ шуду чу оби гандида шудем.
Ин ҳолати бад, бигӯй, то кай бошад,
Гармо бирасид, сабзаи хушканда шудем.

257

Ваҳдат, ваҳдат, дурӯғӣ ё рост ба ман?
Аз ростӣ бишкуфад ҳама боғу чаман.
Аммо чӣ илоҷ, боз душман додем,
Бояд бишавем ҳарду нигаҳбони Ватан.

258

Ҳар он ҷо замин аст, ганҷ оварад,
Ба нохуш вале сахт ранҷ оварад.
Замин, гар азизаш бидорӣ ғаност,
Ғановат ба дори сипанҷ оварад.

259

Ман дар сари гӯри ту кунам навҳа баланд,
Умри мани ғамдида кӣ медонад чанд?
Холиқ донад, ки як шабам ё соле,
Ҳарфе, ки расад зи нокасу кас, railписанд.

260

Маҳ меравад у мову ту дар сояи ӯ,
Эй кошки, мешудем ҳамсояи ӯ.
То субҳ ва шом раҳ мунаввар мекард,
То шод ҳамешудем дар пояи ӯ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

261

Дар фикр будам, арз ба Фарҳод равад,
Бар шонаю гул ба сарву шамшод равад.
Мақсуд нашуд вале зи бебахтӣ насиб,
Ҳар бахт ба сӯйи мулки обод равад.

262

Эй ғусса, бирав, ки нестам бо ту шафиқ,
Не сарвӣ мараву не ту дурию ақиқ.
Рӯй ор ба умри ман на шаҳдам, на шақиқ,
Хоҳам, ки ту бошӣ баҳри ман ёру рафиқ.

263

Ман дар сари гӯри ту кунам гиряи сахт,
Аз нармии туст гул ба ҳар шоҳи дарахт.
Розӣ зи ту гашта модару Шеду Қамар,
Афсӯс аз ин рӯзию ин номаи бахт.

264

Эй, гул ту бигӯ, ки дар куҷо мерӯйӣ?
Эй гул, ту сияҳгӯш, аҷаб хушрӯйӣ.
Бӯе, ки ту дорӣ, дар замин кам диданд,
Эй гул, ту маро наҷоту ҷаннатбӯйӣ.

265

Зодасти маро ту, қуббаи арши баланд,
Ёдат бувад ин ситоиш чанди ба чанд.
Бас гуфтугузор кардам аз даври қадим,
Афсӯс, надидам зи ту ман ҳарфи писанд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

266

Эй халки қадим, туро ҳазорон ҳунар аст,
Мероси ту ободгарӣ аз падар аст.
Созандаи қасри подшоҳон ту будӣ,
Алқисса, бароят ҳунаре беҳ зи зар аст.

267

Ҳарфе, ки ба дафтар зи калам меояд,
Бо сӯзи дилу дарду алам меояд.
Гар дафтари ман бихонӣ сар то қадамаш,
Аз дидаи ту ду рӯди нам меояд.

268

Қонуншиканӣ фалаҷ кунад оламро,
Ҳар дарди шадид пок кушад одамиро.
Ноқис қонун, дард вале бешумар аст,
Парво набувад аз ин каси беғамро.

269

Умре бигузашту оби борон хӯрдем,
Аз тифлӣ басе фиреби армон хӯрдам.
Тақдир маломатам чӣ бисёр намуд,
Ҳар шому саҳар қасам ба Қуръон хӯрдем.

270

Буд мазраи киштӯ найшакар мекоштем,
Бо азму талошу бо ҳунар мекоштем.
Дигар зи замину кишту пайванд чӣ суд?
Бигзашт замон, ки босамар мекоштем.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

271

Чун омаду рафти мо будаст пешу қафо,
Дар омаду рафт нест як саҳву хато.
Гап дар сари он, ки рафту омад бари чист?
Гаҳ ҷабру ситам бинию гоҳ меҳру вафо.

272

«Хокистари кучоат манам, бодам кун,»
Тафсиргаро, биншину исботам кун.
Ту гуфта будӣ, ки ман гули яктоям,
Чун ҳадяи мо нагаштӣ, барбодам кун.

273

Эй хок, чу нахлему ниҳолам ту кунӣ,
Гармӣ бидамию гулбаҳорам ту кунӣ.
Рӯйида зи ту ҷумлаи аҳли башар аст,
Хушбахту базебу хушҷамолам ту кунӣ.

274

Фархунда, шариф, ки халқ номаш бошад,
Арзанда ба исми худ низомаш бошад.
Маҳлуқи ҷаҳон ба ӯ ҳама такя кунад,
Бигзор, Худо, қанд ба комаш бошад.

275

Ҳеҷ азизе чун заминам нест-нест,
Чун заминам нозанинам нест-нест.
Халқи бумӣ нутқ бе минбар кунад,
Мисли ӯ дар Ҳинду Чинам нест-нест.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

276

Эй дил, ту фақирастӣ, сағирастӣ, қадир?
Қоими туам ба кору дар ҷангу адир.
Бе аҳли рикобию назар лек баланд,
Ту шоҳию не надим дорӣ на вазир.

277

Нест гунҷишк нест бунҷишк, нест тоҷею қасаб,
Кабк дар кӯҳ аз баландӣ мекунад ному насаб.
Кӯҳсорам дӯстдори кабку оҳую уқоб,
Мурғи бахташ аз баландиҳо биёбад сарҳисоб.

278

Боди Ҷайҳун мевазад, моро ғаме аз хона нест,
Яъс домангири мову як умед аз дона нест.
Як замоне ризқу рӯзӣ кам шуду мардуми хиҷил,
Омаду рафтан, бидонам, гиряи тифлона нест.

279

Ҳами абрӯ нигоҳи роҳ намуда,
Ишорат чашми моро во намуда.
Яке маҳфил фурӯзон шуд ба рӯзе,
Нигоҳи аблаҳе гумроҳ намуда.

280

Як лаҳза ба умр, кош, меосудем,
Дар банди хаёли хештан мебудем.
Ҳар соати умри мо бо ташвиш гузашт,
Дар панҷаи шахшули фалак хас будем.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

281

Аз чист ғубори дил, харобам кардаст,
Дар оташи тези худ кабобам кардаст.
Як рӯз ба худ хаёли маҳваш дорад,
Рӯзи дигараш дар изтиробам кардаст.

282

Ҷоно, дили ман не зару зевар хоҳад,
Не хурҷину анбони қаландар хоҳад.
Хоҳад, ки баҳор бошаду гулбуни тар,
Аз доди Худо ёри хушахтар хоҳад.

283

Ёри ғамхору вафодорам туӣ, Эрони ман,
Доимо ёдат кунам, баски туӣ чун ҷони ман.
Мағз медонам туро дар донаҳои зиндагӣ,
Ҳар замон хоҳӣ, биёву бош ту меҳмони ман.

284

Осиё нисфи Замин асту гадоӣ мекунад,
Ғарб аммо рӯйи олам подшоҳӣ мекунад.
Халқу миллатҳои дигар аз пайи илму фананд,
«Гушнапурзӯрему» бар мо гаҳ «худоӣ» мекунад.

285

Ҳар пуштаи кӯҳи Ватанам гулбез аст,
Дар водӣ замини хубу ҳосилхез аст.
Мисли Ватани ман ба ҷаҳон нест дигар,
Мардона бувад халқашу зеҳнаш тез аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

286

Эй чарх, бигӯ, туро магар даркорем?
Рӯ шому саҳар ба сӯи ту меорем.
Аз Маскав агар мисли гадо пеш кунанд,
Ҳар буду набуди худ туро биспорем.

287

Эй доиразан бизан, агар корӣ туӣ,
Олам ҳама пошу шахси даркорӣ туӣ.
Мардум ба гадоиву яке қаср кунад,
Баргӯй, магар зи доварӣ орӣ туӣ?

288

Дилро бинигар, ки мубталои ту шудаст,
Дар дил будию ба дида ҷои ту шудаст.
Хирман – хирман агарчи ҳосил дорем.
Ин халқи мариз зори давои ту шудаст.

289

Шоҳӣ ту магар, зимоми мардум дорӣ,
Худро ту сари аҳли ҷаҳон бишуморӣ.
Аз илму фунун чӣ ҳаст андар сари ту?
Худ, бебасаро, сари сарон бишморӣ.

290

Меъёру бадеъ ҳамшагӣ касби ман аст,
Оини адолат ҳамагӣ насби ман аст.
Будем шабу рӯз пайи ризқи ҳалол,
Ин ҳарфи рубоӣ сар ба сар ҳасби ман аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

291
Тоҷик, яқин, беҳини аҳли башар аст,
Лофе набувад, ба мисли Шамсу Қамар аст.
Як саҷдагари пеши бузургонаш ман,
Лафзаш ба ҷаҳониён чу ширу шакар аст.

292
Андӯҳ ба сарам Худо фаровон овард,
Пайваста ба ҳолати парешон овард.
Додам гули сурху боз хушкаш бинамуд,
Додам ситамеву наҳси Кайвон овард.

293
Қобил нашудам, ки хеш фирӯза кунам,
Хайём наям, рӯ тарафи кӯза кунам.
Ман зери фишори зиндагӣ дармондам,
Бо санги қаноат нияти рӯза кунам.

294
Дар хоб будам, шиҳоб боғам омад,
Иблис саросема суроғам омад.
Гуфто, ки барам туро «Гулистони Ирам»,
Бедор шудам, холӣ улоғам омад.

295
Мавлуд бувад, мурдану ку роҳи дигар,
Дар пеш бувад ҳамеша як хавфу хатар.
Андешаи ҳарзайла шиоре шудааст,
Дар давраи мо нест аз он ҳеҷ асар.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

296

Дар биёбоне манам, Ҳошим, туро дар ёд нест,
Чашму гӯше додаам, пайғамбареро дод нест.
Нест мансабдорро монеъа дар қонуну дин,
Хонаи вайронаро ободию имдод нест.

297

Файзи мо аз лутфи борон омадаст,
Киштааш аз Шеди хандон омадаст.
Киштаи ин давра буда касмадон,
Гӯиё бо тирборон омадаст.

298

Чун бандакамон будаем ҳардуи мо,
Бар пеш ҳамеравем, ё гашата қафо.
Дуздему дурӯғзан ва ҳам ришваситон,
Медонӣ, ки оқибат бувад ҷабру ҷафо.

299

Ҳар чӣ хоҳад, худ кунад, ҳар кори ӯ бошад риё,
Доимо бошад ба фикри моли мардум, беҳаё.
Нест қонуни адолатро ба ӯ як кору бор,
Дастҳо бар рӯ кашад, гӯянд: «Худоҷӯё биё».

300

Ленин чу фарид асту фарид асту Фаридун,
Як воҳиди оламест бар ҷумла тамаддун.
Ғолиб надидем касе мо ба бари ӯ,
Н-рзанд ба шогирдӣ Фалоқусу Фалотун.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

301
Эй васвасагар, ҷаҳона вайрон ту кунӣ,
Бо васвасаат ҳар дила зиндон ту кунӣ.
Аз фитнаи туст оламе зеру забар,
Дар рӯйи ҷаҳон фитна парешон ту кунӣ.

302
Медонӣ, замин тозагари дунё ҳаст,
Хайру баракат зи ӯву аз кимё ҳаст.
Чун пир шавад рустанӣ, ҳайвону башар,
Андар дили хок аз дигар эҳё аст.

303
Ба асле, меҳвари мо Офтоб аст,
Ниҳоди ин заминро дил кабоб аст.
Ҳама фазлу баёни рӯз ҷӯянд,
Ғаму андӯҳи мо аз рӯи хоб аст.

304
Пайваста ба кору зиндагӣ пайвандем,
Не аз фалакему не зи кӯҳи Андем.
Мо рӯзу шабон мӯйи замин шона занем,
Ку олати кор? Ба по калӯше бандем.

305
Мақоми маҳбаси дил синаи дилдода медонад,
Таваллуд гаштани бедодиро афтода медонад.
Аҷаб, аз банди тасбеҳ рехт меҳру гавҳару ҷавҳар,
Ҳама найранги масъулон шахсии содда медонад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

306

Фаъола, биё, гузаштаро ёд кунем,
Ин коҳу хато, ки омадаст, бод кунем.
Як хирмани байнӣ буду гандум бепул,
Ку мошу ҷаве ки хирман обод кунем?!

307

Таъбир мазан, ки мардуме дар хоб аст,
Бахташ бинигар, чӣ гуна ангиштоб аст.
Фарсуда шудаст зи ковиши қишри замин,
Ӯ пумбафурӯш, пумбахараш нобоб аст.

308

Бо ҷӯйи ман обат биравад, ҳоҷӣ табор,
То ин ки нахушкӣ зи ғаму дарди диёр.
Баҳрӣ туву бошадат басе фазлу камол,
Ҳоҷӣ Табак, хиёр дорӣ ту? Биёр.

309

Эй рӯди ғазалсаро, равон астӣ, равон,
Сарсабз шуд аз ҳиммати ту ҷумла ҷаҳон.
Ҳар гаҳ, ки ту ҳамроҳ шудӣ бо баҳри дамон,
Мегӯӣ, манам нишони Мирзои замон.

310

«То набошад чӯби тар, ибрат нагирад гову хар»,
Мевае кай хурдаӣ, эй ҷон, зи нахли бесамар?
Бе тавофут роҳбар асту дил зи сардӣ ях бубаст,
Чун равад инсон зи худ, он чӯб кор ояд, на сар.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

311

Зи амру ҳадиси зиндагӣ нола макун,
Худро ба ҷавонӣ пири садсола макун.
Мадум ба муроди дили худ асре зист,
Сангин шудааст замона, ту худ хорла макун.

312

Шӯравӣ ифрот бунёде накард,
Низ ӯ ифрот шодобе накард.
Аз пайи илму амал доим буд ӯ,
Халқи он ҷуз некӣ бедоде накард.

313

Асрори ҷаҳон аз касу нокас маталаб,
Ҳам нафъи гиёҳ зи ҳар сари хас маталаб.
Рӯ сӯйи китоб овар аз баҳри ниёз,
Як луқма ту аз сифлаву каргас металаб.

314

Мо ба кунҷе дур аз баҳру барем,
Аз дурғи хеш кайфар мебарем.
Ростӣ меҳмон нагардад пеши мо,
Ваъдаҳои хомро хушбоварем.

315

Самар аз кор ку, ки гул намоиш мекунӣ имрӯз,
Замин бекор хобу худ ситоиш мекунӣ имрӯз.
Бипошӣ дона, аммо майсаи сабзе намерӯяд,
Ба сад рӯю риё бо ҳар кӣ созиш мекунӣ имрӯз.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

316

Оламе садранг бин, мо дар миёнаш ахтарем,
Бар ҷаҳон бому аҷаб қиммат ба ӯ чун гавҳарем.
Рӯду кӯҳу ҳар ваҷаб хоки заминӣ мо зар аст,
Зиндагӣ садгунаранг асту барояш меҳварем.

317

Тақсим бувад ин ҷаҳони фонӣ ба ду ним.
Нодор ба як гӯшаву доро зи қадим.
Маъюс якеву дигаре сар ба само,
Пас кай бишавад дори дудар дори салим?

318

Қишлоқ фано, ҳайрати ман, Майсара, бин
Ҳомун ба куҷо, ашки маро, Гулсара, бин.
Қишлоқ канад ҷону ба бонк аст сафо,
Ту зулмати шабҳои ҳама, Қайсара, бин.

319

Ворисони Айнию Синою Турсунзодаем,
Мисли аҷдодони худ мо бо хирад дилдодаем.
Оламе бо ақли худ тасхир онон кардаанд,
Бо ҳама ин, зери чархи нилгун мо содаем.

320

Шамсу Қамарӣ, ба ман ту хурмои тарӣ,
Баҳри Хазарӣ, ҳамеша пеши назарӣ.
Хушнудию хушбахтию корат бабарор,
Дилбандию ширинию кони шакарӣ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

321

Ғамҳои ҷаҳон фозои олам бигирифт,
Фарзанди маро чаро ки мотам бигирифт.
Хондан ба пули худиву ворид ба дулор,
З-ин ҳоли табоҳ ду дидаам нам бигирифт.

322

Суханчино, чӣ бадбахтӣ ба олам,
Алавмонию ҳастӣ манбаи ғам.
Намекорӣ ту асло тухми некӣ,
Самар аз кори ту–ин аст мотам.

323

Бидидам кӯрмуш дар хоб, чун бозор мекарданд,
Ҳама паҳнои оламро ба ҳам шудгор мекарданд.
Яке з-онон ба шодӣ гуфт: «Олам зери пои мост,
Замони Шӯравӣ моро басе озор мекарданд».

324

Ай, бубин занро, ки пешоҳанги мардум гаштааст.
Пур зи дасти ӯ кунун анбори гандум гаштааст.
Саҳна меорояд ӯ бо завқу шӯри бемисол,
Бин, ки паҳлӯи Қамар монанди анҷум гаштааст.

325

Ростиро гуфтаанд, ки неку беҳин чора буд,
Дар даҳони ҳам бузургу кӯдаки ширхора буд.
Бас дурӯғ омад кунун, ҷомеъаро ифлос кард,
Ростӣ бо насли одам раҳсипар ҳамвора буд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

326

Дидӣ, ки фалак низоми дайду дорад,
Мо дар қафасему ҳою ҳам ҳу дорад,
Мо пеши Худоему Худо чорагар аст.
Умед, ки ӯ атои некӯ дорад.

327

Як замоне ризқу рӯзӣ хирману хирвор буд,
Кулли мардум зарбдору зиндагӣ ҳамвор буд.
Қуллафкан буд самар, мерафт то авҷи само,
Эй хуш он айём, касро роҳати бисёр буд.

328

Дунё чу ба кишти бесамар мемонад,
Аз рӯзи хуши рафта хабар мемонад.
Бин, дастқавӣ, ки дасти камро бихӯрад,
Бар мардуми хокӣ хоки тар мемонад.

329

Ҷуғз омаду рафт,ғусса афгорам кард,
Каҷгардии ин замона безорам кард.
Хирман шуда бедонаву каҳбод кунем,
Ҳосил нашуд аз кошта, қарздорам кард.

330

Овардӣ маро, Холиқу саргардонам,
Бар чуну чарои зиндагӣ ҳайронам.
Як пой ба Хатлонаму як пой ба Рус,
Бар хок зи дасти тоссар пинҳонам.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

331

Гуфтанд, ки тоҷик ба с амар боб расид,
Бо фазлу хирад ба ҳавзи шаҳдоб расид.
Бардошт яке сару ба афсӯс бигуфт:
«Бо ҳар кӣ расид ганҷу ба мо хоб расид!»

332

То чанд ба зиндагӣ кунам шубҳаю оҳ,
Шом асту ту гӯйӣ баҳри ман вақти сабоҳ.
Оромӣ надидаам, ба сар сад ғавғо,
Бар ҳоли бадам зиндагӣ нек аст гувоҳ.

333

Сар то қадами хоки ҷаҳон паймудем,
Маълум бишуд, чӣ гуна мардум будем.
Ку роҳати умр, мардикорем ҳама,
Дар оташи зиндагӣ парешон будем.

334

Айб аст, агар умр гадоӣ бошад,
Дар ҷои саломатӣ вабоӣ бошад.
Сарсон ҳама, осиёби гардон ришва,
Бефоидакору Одаму Ҳавво бошад.

335

Чун кавкаби рахшон ба само бояд буд,
Чун қавл бидодӣ, бовафо бояд буд.
Ҳарчанд ки зиндагӣ басе сангин аст,
Бар шӯру шари ҷаҳон даво бояд буд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

336

Борон шаваму маҳин биборам ба замин,
Гӯям ба замин: «Ҳадя зи мо ҳаст ҳамин».
Месоз мулоим дилат аз бахшиши мо,
Ҳосил ту бидеҳ ба мардум аз рӯйи яқин.

337

Ҷонам зи Худост, аз Худо метарсам,
Бинам ҳама ҷо банди ало, метарсам.
Метарсам аз он, кӣ ҳаст душман ба Худо,
Аз ҳарфи дурӯғи бевафо метарсам.

338

То умр вафо кунад, манам ҳамдами ту,
Парҳез намекунам зи бешу ками ту.
Мо ҳарду зи имтиҳони ҳам бигзаштем,
Ту дар ғами ман будию ман дар ғами ту.

339

Ин ҷома, ки пӯшӣ ҷомаи Ҷамшед аст,
Пероста он мисли рухи Хуршед аст.
Имрӯз ту мепӯшию фардо дигаре,
Фардо ту нигар, ки ҷои мо бе Шед аст.

340

Борони баҳору шуста бин саҳроро,
Хосияти аждарест ҳамин дарёро.
Борон чу шавад, тоза кунад рӯйи замин,
Монандаи он тоза кунад дилҳоро.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

341

Ҳар гоҳ, ки ту дидӣ пеши раҳ кӯҳи баланд,
Бигзор ту ошёна бо рӯҳи баланд.
Мебош уқобу пар кушо шах бар шах,
Мешав ту қавиазму ба неруи баланд.

342

Мо дар дами об чархи гардон кардем,
Бо обҷувоз чарха ҳайрон кардем.
Чун чархи бузурге дами дарё мондем,
Мо мулки азизи худ чароғон кардем.

343

Эй ханда, ту соғаркаши базми чаманӣ,
Эй гиря, ту тифли шодии Аҳриманӣ.
Зй ҷуғз, зи вайрона намегардӣ ҳиҷил,
Эй сабр, нарав, қуввату дармони манӣ.

344

Аҳде кунӣ гар, пайи вафо бояд буд,
Ҳотам агарӣ ту, босахо бояд буд.
Чун рӯзи баҳорӣ босафо бояд буд,
Бар ҳар дили пурдард даво бояд буд.

345

Ин ҷомеъа аз фанд сириштанд магар?
Оё ҳама дар банд сириштанд магар?
Посӯхи савол ҳеҷ кас рост нагуфт,
Оё зи ғараз панд сириштанд магар?

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

346

Дар кӯҳи баланди ин Ватан буд хонат,
Бас мардуми шоиста шуданд меҳмонат.
Об аз дили санг хӯрдаӣ – оби зулол,
Сад сол бизӣ ба ёри ҳампаймонат.

347

Бувад хоб маҳпайкаре умқи гӯр,
Қирон карда буд лашкари Салму Тӯр,
Басе сарфароз омад ӯ дар ҷаҳон,
Тарованда аз турбаташ буда нур.

348

Сад ҳайф, агар умр ба маккорӣ гузашт,
Бо фанду фиребу тарзи беорӣ гузашт.
Ту доди фиреб аҳли хонат ҳатто,
Гӯянд ҳаётат ба табаҳкорӣ гузашт.

349

Бо ҳилла хӯрам нон, насибам накунад,
Олуда кунам забон, насибам, накунад.
Покиза будам, покӣ насибам гашта,
Як луқма ба ройгон насибам накунад.

350

Аз баҳри шараф чу додарон бояд буд,
Тӯфони ба сӯйи бад вазон бояд буд.
Хоҳӣ, ки агар бошӣ ту чун ҳурбаи Шер,
Дар ҳарби паланг шери жаён бояд буд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

351

Хайём ҳар он чӣ гуфт, беҳтар натавон,
Хайём ҳар он чӣ суфт, дигар натавон.
Аз шӯълаи ҳарфи ӯ ҷаҳон аст рӯшан,
Ҳар кор, ки кард, ягон тавонгар натавон.

352

Олам гулистон мешавад, бо ҳам шавад мардум агар,
Бо ҳамдигар тавъам будан, боло бувад аз симу зар.
Эй одамон, бо ҳам шавед, ободӣ то гардад насиб,
Дарёб мақсудам кунед, гуфтам агарчи мухтасар.

353

Бингар ба замона, кина ғамро хӯрдаст,
В-ин нест аҷаб, ки беш камро хӯрдаст.
Гӯям ба зиёда, хушкӣ намро хӯрдаст,
Як дасти қавӣ ду дасти камро хӯрдаст.

354

Собир набувад умри дарозам, фарёд!
Овоза шуда ба даҳр розам, фарёд!
Ку кас, ки бувад ҳамдами созам, фарёд!
Баъди ҳама аз ишқ чӣ нозам, фарёд!

355

Ҳар ахтари канда як шиҳобе дорад,
Мардум ба дари гӯр шитобе дорад.
Садрангии рухсори ту охир зард аст,
Садрӯя касон ба худ ниқобе дорад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

356

Ин мазраи аждарӣ аҷаб гулбез аст,
Пархош маҷӯ, хори гули он тез аст.
Мо ранги ба ранг умри худ медонем,
Зеро ки Ватан макони шоирхез аст.

357

Гуфтори ту айб сӯйи Хайём барад,
Аз ҷумлаи хосу ому айём барад.
Гӯянд, ки Хайём буда масту аласт,
Ин зиндагӣ сад мастӣ зи Хайём барад.

358

Он, к-омада рафт, шамоли боло буду бас,
Он, к-омада рафт азизу барно буду бас.
Он аст одам, ба хоки худ саҷда кунад,
Дар омаду рафтан гули зебо буду бас.

359

Ҳама мушкил дар ин олам бирон аз пеши роҳ ин дам,
Бикун коре, ки бо инсон мувофиқ бошаду ҳамдам.
Ҳама халқон дар ин дунё чу мокӯ дар давутозанд,
Ҳама ноустоворонро бувад як пояи маҳкам.

360

Дар кӯҳнаработ чизи кӯҳан бисёр аст,
Бигзор ароба, мошинат чун ёр аст.
Ку чархаю дӯку намаду шоличае,
Оянд зи нав, чу халқи мо бекор аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

361

Як зумра ба ҳам ҳақиқате доштаанд,
Сарҷамъ шуда, дона каме коштаанд.
Мақсуд, ки якҷоя зи қаҳтӣ бираҳанд,
Дон сабза накарду мотаме доштаанд.

362

Асрҳо шуд, кӯҳнакаш дорад вуҷуд,
Пеш-пеш омоч мегӯяд дуруд.
Ускуни деҳқон зи нав шуд қадрнок,
Чарху дӯки момаҳо ояд фуруд.

363

Ба он будем, к-илм омад, ҳама машҳур мегарданд,
Тамоми одами олам ҳама маъмур мегарданд.
Надонистем, баъди асри бистум бар қафо гардем,
Фано нуру зиё гардида, олам гӯр мегардад.

364

Исёни Муқаннаъ зулми тозӣ овард,
Хории адолат ҳама қозӣ овард.
Мардум ба Ватан чу нонгадое гаштанд,
Тақдир ба умри халқ бозӣ овард.

365

Меъёру адаб касби падарҳо буда,
Бар ин ҳама маъмур асарҳо буда.
Бар халқ чӣ шуд, зи панди мо бигрезад,
Донед, дар ин кор хатарҳо буда.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

366

Порина, ки рафт, падид омад сӯзе,
На вақти хуше дидаму не Наврӯзе!
Хайру баракат намонд дар хони касон,
Шуд давраи мо замони оламсӯзе.

367

Бар арзу ниёз нестам дастрасӣ,
Бар мулки Ҳиҷоз нестам дастрасӣ.
Афсӯс ба дастрасони олам бихӯрам,
Бо худ набарад аз ин ҷаҳон хору хасе.

368

Одам зари туст, Худой, фандаш накунӣ,
Бар моли ҷаҳонӣ нописандаш накунӣ.
Бо дидаи ашкбор пешат нолам,
Бисриштаи туст, чуну чандаш накунӣ.

369

Андеша ду гашт, сабки нодонӣ бувад,
Дар ваҳдат агар дуист, шайтонӣ бувад.
Ҳарчанд ки одамӣ ҳазорон ранг аст,
Як номи «башар» барояш арзонӣ бувад.

370

Ҳар қадар рӯшан бувад оташ, вале бедуд нест,
Ҳар қадар доро бувад кас, рӯзгораш буд нест.
Оби ҷӯ аз чашма поён гашта, дарё мешавад,
Гар набошад он, дар ин дунё яке ҳам рӯд нест.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

371

Наврӯз, ба рӯйи ту маро ҳаст ниёз,
Ту ҳотамию дорӣ ба худ панҷаи боз.
Бозою биёрой яке маҳфили роз,
Як сол куҷо будӣ ту, ай мояи ноз?

372

Ғофил шудаму умри ҷавонӣ бигузашт,
Дар боғи ҳаёт комронӣ бигузашт.
Ҳушёр шудам зи ҷабру бедоди фалак,
Ҳушёр шудам, ки зиндагонӣ бигузашт.

373

Андешаи ҳаргуна зи мағрур бувад,
Ҳақ шуд таги по, дурӯғ машҳур бувад.
Як рост равад агар, дигар каҷрафтор,
Ин ҷомеъа аз хайру футӯҳ дур бувад.

374

Беҳуда баҳори лолазорам бигузашт,
Беҳуда тамоми кору борам бигузашт.
Дон киштаму ҳосиле наёмад ба самар,
Бо ин ҳамаи сабру қарорам бигузашт.

375

Дар тӯдаи гургон шудӣ озим ба сафар,
Бӯят ҳама ҷо паҳну худ аз бангӣ батар.
Парво накунӣ, ки дорад ин хавфу хатар,
Рӯзе бикашӣ оҳи надомат зи ҷигар.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

376

Ин қӯръазанон қуръа зада пасту баланд,
Карданд ҷаҳони нозанин банди каманд.
Ин мардуми сода гаштааст ғарқаи фанд,
Кас нест бипурсад, ки ғами умри ту чанд.

377

Ҳангомагаро, санги муаллақ ҳеҷ аст,
Некӯ ту бидон, тоҷи Фарандақ ҳеҷ аст,
Мекӯш бар он ки то саъодат бинӣ,
Асбоби фалаҷ ба пеши равнақ ҳеҷ аст.

378

Рӯйи олам тоза оби ҷӯй кард,
Мурғзоронро аҷаб гулрӯй кард.
Обро сармояи умрат бидон,
З-он фалак маро чӣ гулгунбӯй кард.

379

Фарёд зи рӯзи рафтаи бар абасам,
Чун лофзану бесару бесабр касам.
Ду чашму дилу пои равонам бошад,
Бар кори ҳалол лек набвад ҳавасам.

380

Кошона чу сӯхт, ҳеҷ хандон нашавад,
Як буттаи оташзада бӯстон нашавад.
Ободгаро, дасту дили гарми ту ку?
Дар фасли дай обод гулистон нашавад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

381

Зодгоҳам, бо ту ман осудаам,
Парвaридӣ ман ва аҳли дудаам.
З-ишқи ту доим бувад гармӣ ба дил,
Гар набудӣ, низ ман нобудаам.

382

Ориёнро дӯстдорӣ мекунам,
Бар ҳама афтода ёрӣ мекунам.
Рӯҳи ман гарчи зи гардун омада,
Дар замин ман хоксорӣ мекунам.

383

Кураи гарми замин – боми вуҷуд,
Ҳар ҷудоӣ омад аз дасти ҳудуд.
Кош, ин олам ҳама яктан будӣ,
Ранҷро, эй кош, як ҷое набуд.

384

Дар хоки Ватан зиндаю ҷовид манам,
Ӯ ҳаст, ки чун Ҳабибу Ҳомид манам.
Ҳар хидмати ӯ адо кунам аз дилу ҷон,
Ӯ марзи муқаддас асту обид манам.

385

Дар мулки кабири худ кабирӣ кардем,
Чун боғи шукуфта буд, абирӣ кардем.
Мулке, ки дар он шоҳу гадо буд яксон,
Фармуд ба мову мо сафирӣ кардем.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

386
Дар даштаки Ангора ниҳоли тут аст,
Ин дашт, замин буда, нишеби ҳут аст.
Аз тор бубинӣ, ҳаст анбӯҳи дарахт,
Қудрат бингар, руста чу як ёқут аст.

387
Аз даври вуҷуди одаму хилқату кор,
Найрангу фиреби одамӣ ёфт барор.
Аз таллаи моли мардуми бечора,
Як сонияе набуд ин даста қарор.

388
Хирад буда сарҳои мо ҳифзгар,
Хирад комронӣ диҳад баҳру бар.
Хирад оҷиз орад фиребу дурӯг,
Хирад посбони кас аст дар ду даҳр.

389
Дардест, табобат нашавад ҳеҷ гаҳе,
Дороии дасти кӯтаҳ бошад шабаҳе.
Чун одамӣ бар бою гадо гашт бадал,
Бадтар набувад зи ҳол ҳоли табаҳе.

390
Фосиқ, шуда аз даст ту ин мулк фалаҷ,
Боре, ки ту мебарӣ, бувад ҷумлагӣ каҷ.
Бехосиято, бебаракат кардӣ ҳама,
Омодагӣ аз чӣ мекунӣ рафтани ҳаҷ?!

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

391

Аз дуди сияҳчароғ дил ғарқи ғам аст,
Афсонаи зиндагониям пуралам аст.
Зулмот бувад зи кулбаи ман рӯшан,
Гӯянд ба таъна: «Ин барои ту кам аст!»

392

Эрон, Тӯрон, ту як танӣ -- як Аҷамӣ,
Шохоб зи як рӯдӣ, на бо дасти камӣ.
Аз оташи Зардушт бувад олами нур,
Бо чеҳраи тобноки худ Ҷому Ҷамӣ.

393

Ин дабдабаи анҷуман аст, ё кайҳон?
Дил шоҳиди барҳақ аст, ё санги ниҳон?
Аҳвол бубин, нест зи он бад ба ҷаҳон,
Қодир шуда беқуввату қувват ба камон.

394

Яке гуфто: «Коммунист -- душмани дин»,
Дигар гӯяд: «Коммунист -- воҳиди кин».
Надошт ӯ банг, на буд ришвахоре,
Набуд ӯ раҳзане. Ин нокасӣ бин!

395

Гунаҳ карданду кардему кунад боз,
Дар ин кор одамӣ гаштаст мумтоз.
Яке фосиқ дигар дузд асту раҳзан,
Ҷаҳон, беҳ, ки бигардад аз сар оғоз.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

396

Ман талх дар сари гӯр кунам навҳа баланд,
Теғе, ки туро кушт, маро кушта дучанд.
Аждоди ману ту теғ бар кас накашид,
Ойина буда синаву ҳарфаш буда панд.

397

Инсон, ту ба ҷойи усма зар меҷӯйӣ,
Гул монда тараф, ту бадгуҳар меҷӯйӣ.
Бар қош кашад гулсанаме усмаи тар,
Наврӯз бувад ба бар, дигар мепӯйӣ.

398

Ғамнок наям, баҳори ман хуб гузашт,
Бо базму тараб, чӣ хубу марғуб гузашт.
Дар рostравӣ зибаски мо шӯҳра будем,
Бар домани сабзи дашти мо чӯб гузашт.

399

Боғи ҷаҳон гар гул кунад, ҳамсону ҳамтақдир бош,
Мӯйи сафедамро нигар, бар он мисоли қир бош.
Дар ғусса тар гардам агар, аҳлам кунад фикри дигар,
Дар рӯ ба рӯйи нохалаф моро мисоли тир бош.

400

Гавҳар бувад дар тозагӣ, ту оби чашми мо нигар,
Созад ҳикоят баҳри ту аҳволи моро мухтасар.
Бо сангдил дорам набард, дил гашт з-ин бедод сард,
Андар баҳори зиндагӣ омад зимистони дигар.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Китоб бо тамғаи нашриёти «Адиб» чоп шудааст.

МУНДАРИҶА

Ҳарфе чанд дар бораи маҷмӯаи «Решапайванд» ва муаллифи он ................. 5

Вассофи ҳусн (Шеъրҳо)
Ватан ................................ 12
Тамсил ............................. 13
Ёди гуворо ........................ 14
Ба коргар! ......................... 16
Мусаввар .......................... 17
Баҳор ояд ҳаме ................ 21
Дона пош .......................... 22
Ҳолат ................................ 24
Ҳушдор ............................ 25
Андеша ............................ 26
Чӣ буд – чӣ шуд? ............. 28
Рӯзидеҳ............................. 29
Ҷаҳду талош ..................... 30
Бас! .................................. 32
Номаи табрикӣ ................ 34
Ҳоли низор....................... 35
Ғубори чашм .................... 37
Зиндаем ........................... 39
Марсияи Саидҳамид Наимзода ........................ 41
Марсияи Юсуф Шарифзода ...................... 43
Сӯзи дил .......................... 45
Дӯшбори шоир (рубоӣ ва дубайтиҳо).................. 47

**Амир Ризозодаи Хосиёнӣ**

**РЕШАПАЙВАНД**
*(Маҷмӯаи шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 04.06.2012 супорида шуд. Чопаш 07.06.2012 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 8,0. Адади нашр 200 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар матбааи ҶДММ «Бебок» интишор гардидааст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед